Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№3 (106)
июл-сентябр
2024

Имрӯз ба шарофати истиқлол давлати Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, кишвари азизи мо ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи дунё пазируфта шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон



The Government of the Republic of Tajikistan

THE WORLD BANK

11 | ҲАМОИШИ ГУРӮҲИ ЭЛЕКТОРАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ



Мо Ватани соҳибихтиёру озодамонро баробари ҷони худ дӯст медорем ва ба шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ барои ҳифзи сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло рафтани нуфузу обрӯи Тоҷикистони маҳбубамон аҳлонаву софдилона заҳмат мекашем.

Эмомалӣ Раҳмон

ДАР ИН ШУМОРА:

3 **ПРЕЗИДЕНТ**
РАСИДАН БА ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ ВА ТАЪСИС ДОДАНИ ДАВЛАТИ СОҲИБИХТИЁР БУЗУРГТАРИН, МУҚАДДАСТАРИН ВА МУҲИМТАРИН ПАДИДАИ ТАЪРИХИ МУОСИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК МЕБОШАД

Паёми шодбошӣ ба муносибати 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.



42 **НИШАСТИ МАТБУОТӢ**
БОНКИ МИЛЛӢ: ДАСТОВАРДҲО ВА НАҚШАҲО



11 **ҲАМОИШИ ГУРӮҲИ ЭЛЕКТОРАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ**



40 **МУСОҲИБА**
ADVANCING FINANCIAL INCLUSION AND FINANCIAL LITERACY IN TAJIKISTAN



25 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**
ХИЗМАТРАСОНИИ GOOGLE PAY ДАР ТОҶИКИСТОН



63 **ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ**
БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ДАР ДУШАНБЕ

66 **“MOODY’S RATINGS” ВА S&P GLOBAL RATINGS**
РЕЙТИНГИ СОҲИБИХТИЁРИИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНРО БОЛО БУРДАНД

ДАР ИН ШУМОРА:

49 **СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Дар Соли маърифати ҳуқуқӣ баргузор намудани ин чорабинӣ хеле рамзӣ буда, яқинан барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони низоми бонкӣ ва низоми суғурта мусоидат хоҳад кард.





18 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

26 **ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ**

ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ САҲМИ БОСАЗО ГУЗОРЕМ

19 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДИРЕКТОРИ ИҶРОИЯИ АЛЯНС БАРОИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ (AFI)



21 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

МУҲИММИЯТИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁРОН



59 **ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТ**

БАРРАСИИ ВАЗЪИ БОЗОРИ СУҒУРТА

Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
3 (106) ИЮЛ-СЕНТЯБР, 2024

тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

НИШОНИИ МАҶАЛЛА:
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj

РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф. Толибзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
Т. Ҳақназаров, М. Ҳасанова

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Кормандон:
А. Мӯминов,
М. Умадуллоева,
Ҳ. Муҷебуллоев.

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97,
аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 600 нусха.
Дар матбааи ҶДММ "Орбита" чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов, 1/1, 17.



Расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва таъсис додани давлати соҳибихтиёр бузургтарин, муқаддастарин ва муҳимтарин падидаи таърихи муосири халқи тоҷик мебошад

Паёми шодбошӣ ба муносибати 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шаҳри Душанбе, 08.09.2024

Ҳамватанони азиз!

Ҷашни барои ҳар як фарзанди Тоҷикистон муқаддасу мубораки 33-солагии истиқлоли давлатӣ фаро расид.

Ба ифтихори ин ҷашни бузурги миллӣ, ки дастоварди воқеан таърихӣ ва сарнавиштсоз мебошад, тамоми мардуми сарбаланди кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Аз ҷониби хурду бузурги мамлакат бо шукӯҳу шаҳомат ва бо хушҳоливу хурсандӣ таҷлил гардидани ҷашни истиқлол нишонаи возеҳу равшани он аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба қадри озодиву соҳибихтиёрӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва ба таърихи пурифтихор, тамаддуни бостонӣ, забон, фарҳанг, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худ ҳамчун арзишҳои бебаҳову ҷовидонӣ эҳтирому арҷ мегузоранд.

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ иброз медорам, ки расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва таъсис додани давлати соҳибихтиёр бузургтарин, муқаддастарин ва муҳимтарин

Истиқлолу озодӣ барои ҳар фарди Тоҷикистон арзиши муқаддастарин, сарвати гаронбаҳотарин ва сарчашмаи саодат ба ҳисоб меравад.

падидаи таърихи муосири халқи тоҷик мебошад.

Ин рӯйдоди беназир ҳамчун оғози таҳаввулоти бунёдӣ дар сарнавишти миллати бостонии тоҷик заминаи устувори худшиносии миллии мардуми моро фароҳам овард, ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва оғози ташаббусҳои созанда омили муттаҳидсоз гардид.

Истиқлолу озодӣ барои ҳар фарди Тоҷикистон арзиши муқаддастарин, сарвати гаронбаҳотарин ва сарчашмаи саодат ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ба шарофати истиқлол давлати Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, кишвари азизи мо ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи дунё пазируфта шудааст.

Аз ин лиҳоз, қарзи инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии мост, ки ҳамеша шукронаи ин неъмати бебаҳоро ба ҷо оварем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Расидан ба чунин рӯзи босаодат, яъне соҳиби давлати соҳибихтиёр гардидан ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳуқуқу овози баробар бо дигар кишварҳоро ноил шудан ормони деринаи халқи мо буд.

Вале Тоҷикистони мо ҳанӯз дар рӯзҳои нахустини истиқлоли давлатӣ, яъне ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ гирифтор гардид.

Дар натиҷа миллати тоҷик бо хатари парокандашавӣ рӯ ба рӯ гардид ва давлати ҷавони тоҷикон дар остонаи нобудӣ қарор гирифт.

Яъне бадхоҳони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон як сарзамини ободу хуррам, як миллати бостониву мутамаддинро ба хоку хун кашиданд ва сокинони ин обу хоки муқаддасро ба қашшоқиву муҳтоҷӣ расониданд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон он зарбаи ҷонкоҳ ва рӯзҳои сахту сангини пур аз даҳшату машаққатро фаромӯш накардаанд ва ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Ҳамватанони азиз!

Дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ маҳз ба шарофати майлу иродаи қавӣ ва дастгириву пуштибонии мардуми шарифи тоҷик давлати тоҷикон аз вартаи ҳалокат наҷот дода, ягонагии ҳудуди кишвар ҳифз карда шуд.

Ҳамзамон бо ин, фаъолияти аркон ва сохторҳои фалаҷшудаи давлатдорӣ барқарор гардида, беш аз як миллион гурезаҳои иҷборӣ ба Ватан баргардонида, мардум сарҷамъ ва миллати тоҷик аз хатари парокандагӣ наҷот дода шуд.

Рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул карда шуданд, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ таъмин ва ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ оғоз гардида, буҳрони шадиду фарогири иқтисодӣ ба эътидол оварда шуд ва раванди эҳёи арзишҳои миллӣ самту суръат ёфт.

Бо амалӣ гардидани иқдомоти зикршуда барои заҳмати ободгаронаи мардуми шарифи Тоҷикистон ва дар навбати аввал, ҷиҳати барқарорсозии баъдиҷангӣ, яъне бартараф намудани оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ заминаҳои зарурӣ гузошта шуданд.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имконияту захираҳо барои таъмин намудани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар сафарбар карда шуданд.

Қобили зикри махсус аст, ки Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар арсаи олам мақому манзалати шоиста пайдо кард ва дар ҳалли як силсила мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои обу иқлим саҳми назаррас гузошт ва ҳамчун кишвари пешсафу ташаббускор мавриди эҳтирому эътироф қарор гирифт.

Яъне имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро на танҳо мешиносад ва эътироф мекунад, балки ташаббусҳои байналмилалии онро пуштибониву дастгирӣ менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди фарҳанги миллӣ дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор доштанд ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имконияту захираҳо барои таъмин намудани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар сафарбар карда шуданд.

Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то ба 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд дар



Тантанаи идона ба ифтихори 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

паёми имсолаи Президент ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки дар ҳафт соли минбаъда сатҳи камбизоатӣ то ба 10 фоиз паст карда шавад.

Дар даврони истиқлоли давлатӣ мо тамоми саъю талоши худро дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ – таъмин намудани истиқлоли энергетикии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани он, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат муттаҳид сохтем.

Дар ин давра бо заҳмати содиқонаи мардумамон беш аз 2200 километр роҳ, даҳҳо километр нақб ва садҳо пули ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ бунёд карда, ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил гардидем.

Яъне **Тоҷикистони сепорчаро ба як қаламрави воҳид табдил додем ва кишвари маҳбубамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшида, онро ба мамлакати транзитӣ мубаддал сохтем.**

Танҳо аз файзу баракати истиқлол мо имкон пайдо кардем, ки бунёди неругоҳи барқи обии “Рогун”-ро оғоз намуда, сохтмони ин иншооти азимро вусъат бахшем ва агрегатҳои аввалини онро ба кор андозем.

Ҳамзамон бо ин, неругоҳҳои “Сангтӯда – 1”, “Сангтӯда – 2” ва даҳҳо неругоҳи миёнаву хурд бунёд карда, 75 фоизи шабакаҳои энергетикии мамлакатро таҷдиду бунёд кардем, таҷдиду азнавсозии пурраи неругоҳи “Сарбанд”-ро ба анҷом расонидем ва низоми ягонаи энергетикии кишварро ба вуҷуд овардем.

Имрӯзҳо бунёди неругоҳи “Рогун” ва корҳои таҷдиду барқарорсозии неругоҳҳои «Норак» ва “Қайроққум” босуръат идома доранд.

Ҳамватанони азиз!

Солҳои охир мардуми сайёра бар асари тағйирёбии босуръати иқлим ва оқибатҳои ногувори он – камобиву хушксолии паёпай, офатҳои табиӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ба мушкилоти бисёр ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Илова ба мушкилоти экологӣ, хусусан, чор



Тантанаи идона ба ифтихори 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд

– панҷ соли охир авзои ҷаҳон торафт муракккабу печида гардида, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ рӯз ба рӯз вусъат пайдо карда истодаанд.

Ёдовар мешавам, ки таъсири манфии таҳдиду хатарҳои муосир ва мушкилоти зикршуда ба Тоҷикистони азизи мо низ расида истодааст.

Дар чунин давраи ноором мо бояд барои ҳифзи истиқлолу озодӣ ва дастовардҳои он ҳамеша ҳушёру омода бошем ва дар ғафлат намонем.

Таъмин намудани амният ва суботу оромӣ дар мамлакат на танҳо яке аз афзалиятҳои сиёсати Ҳукумат мебошад, балки вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар ба ҳисоб меравад.

Зеро амалӣ гардидани ормону орзуи ҳар як шахс танҳо дар сурати побарҷо будани сулҳу суботи ҷомеаву давлат ва ваҳдати миллӣ имкон дошта метавонад.

Дар ин росто, мо бояд насли наврасу ҷавонро бо таърихи бисёр қадимӣ ва шукӯҳманду пурифтихори миллати тоҷик, бо мақому манзалати забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, бо фарҳанги рангорангу ғановатманди бостонӣ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои деринаи миллӣ ҳарчи бештар ошно намоем.

Мо бояд дар зеҳну шуури онҳо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, нангу номус ва муҳаббату садоқат ба Ватанро тарбия кунем.

Маҳз бо ҳамин мақсади наҷиб мо тасмим гирифтем, ки «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсиро чун китоби Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” нашр намуда, ба ҳар хонадони тоҷик туҳфа намоем.

Зеро “Шоҳнома” маҳзари дурахшони истиқлолу озодӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ ва ҳифзи марзу буми сарзамини муқаддаси ориёии мо мебошад.

Чанд рӯз пештар ба хотири боз ҳам баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум, аз ҷумла наврасону ҷавонон боз як озмуни ҷумҳуриявӣ – “Шоҳномахонӣ”-ро эълон намудем.

Имрӯз раванди ободониву созандагии Ватани маҳбубамон босуръат идома дорад.

Мо бояд тамоми саъю талоши худро барои боз ҳам вусъат додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ сафарбар созем.

Яъне аз хонаву кошона ва маҳалли зисти худамон сар карда, тамоми шаҳру ноҳияҳои сарзамини аҷдодиамонро то дурдасттарин деҳоти он ободу зебо гардонем.

Эътимоди комил дорам, ки бо кору фаъолияти ватандӯстонаву содиқонаи тамоми афроди бонангу номуси Ватан мо дар солҳои наздиктарин ҳамаи мушкилоти мавҷударо бартараф карда, ҷашни бошукӯҳи 35-солагии истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои боз ҳам бузург истиқбол мегирем.

Бо ибрози чунин ниятҳои нек ҷашни сивусесолагии истиқлоли давлатиро бори дигар ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи онҳо хонаи обод, саодати рӯзгор, сулҳу оромӣ, ки асоси хушбахтии халқамон ва ободиву сарсабзии Ватани маҳбубамон мебошад, инчунин, комёбиву барори кор орзу менамоям.

Бигзор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо ҳамеша пойдор ва умри истиқлоли мо ҷовидон бошад!

Ҳамеша саломату сарфароз ва бахтёру комгор бошед, ҳамватанони азиз!

Ҷашни 33-солагии истиқлоли давлатӣ ба ҳар хонадони кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон муборак бод!

www.prezident.tj





Таҷлили бошукӯҳи ҷашни Истиқлоли давлатӣ бо мукофотҳои давлатӣ

Ба ифтихори ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияташон натиҷаҳои шоиста доранд, бо мукофотҳои олии давлатӣ ва ҷоизаву унвонҳои фахрӣ қадрдонӣ шуданд.

Дар маросими дарёфти ин ҷоизаҳо, рӯзи 29 август, дар Қасри милат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати 33-солагии ҷашни муқаддаси миллӣ – Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, дар фазои тантанавӣ баргузор гардидани маросими мукофотсупориро рамзи эҳтироми роҳбарияти давлат ба хизматҳои шоистаи ҳар як шахс арзёбӣ карданд: “Қадрдонӣ кардан бо мукофоти давлатӣ, ҳамчунин, эътирофи фаъолияти пурсамару ибратбахши давлативу ҷамъиятӣ, истеҳсоливу соҳибкорӣ ва эҷодиву фарҳангӣ дар роҳи таҳкими истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисоду фарҳанги миллӣ ва пойдории сулҳу субот дар ҷомеа мебошад”.

Ҳангоми суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ ва талошҳои мардум баҳри пешрафти соҳаҳои саноату энергетика, нақлиёту сохтмон ва кишоварзӣ андешаронӣ карда, бо итминон изҳор доштанд, ки мардуми сарфарози мо дар оянда низ саъю талоши худро ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат ва осоишу оромии ҳар як хонадон дучанд хоҳанд кард.

Баъди суханронии Сарвари давлат як гурӯҳи калони намояндагони фаъоли ҷомеа, кормандони касбу кори гуногун бо мукофоту ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз шуданд. Бештар аз 200 нафар барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ дар ин маросим аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифтанд.

Дар маросими мукофотсупорӣ 4 кас бо унвони фахрии







Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 18 нафар бо унвони фахрии Қорманди шоистаи Тоҷикистон, 3 кас бо ордени Шараф дараҷаи 1, 13 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 2, 112 кас бо медали Хизмати шоиста, 2 нафар бо медали Шафқат, 7 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонда шуданд.

Дар баробари кормандони дигар вазорату идораҳо кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ҳам бо мукофотҳои давлатӣ шарафёб шуданд. Аз ҷумла, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сардорони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон Бояков Зиёратшо Ғуломович ва Ҳалимова Зуҳро Раҳматовна бо медалҳои Хизмати шоиста сарфароз гардонида шуданд.

Дар зимн, 6 сентябри соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори таҷлили 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи бошукӯҳи идона баргузор гардид.

Дар он муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад, муовини раис Икромӣ Сирочиддин Салом ва кормандони бонк иштирок намуданд.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳли нишастро ба муносибати ҷашни муқаддаси миллӣ табрик намуда, қайд кард, ки Истиқлоли давлатӣ барои ҳар давлату миллат азизу муқаддас буда, бузургтарин дастоварди ва далел аз худшиносии милливу ватандорист.

Дар маросими тантанавӣ муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳ.Ҳ. аз номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

ба сардорони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон - Сайдвалиева Озода Сайднабиевна, Абдулваҳҳобов Суҳайлӣ Сайфуллоевич, Ниёзов Мустафо Абдуллоевич медалҳои Хизмати шоиста ва ба Мурода-лиев Далер Усмонқулович Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро супорида, изҳори боварӣ намуд, ки мутахассисон минбаъд низ неруи зеҳнӣ, донишу таҷриба, маҳорату малакаи худро барои пешрафти Ватани азизамон равона месозанд.

Ҳамчунин муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳ.Ҳ. ба ифтихори таҷлили 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишони “Аълочии Бонки миллии Тоҷикистон”-ро ба муовини директори департаменти назорати бонкии Бонки миллӣ Мирзоев Умед Нозимович супорид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Ф.Н. иштирокдорони чорабиниро ба муносибати ҷашни муқаддаси миллӣ табрик намуда, қайд кард, ки дар таҳкиму тақвияти дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат тайи солҳои







соҳибистиқлолӣ асосҳои ҳуқуқии давлатдориро устувор ва самтҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоиро муайян намуд ва кишвар-амон имрӯз ба давлати ободу шукуфон табдил ёфтааст.

Дар рафти чорабинӣ як қатор кормандони фаъоли бонк барои фаъолияти пурсамар, меҳнати софдилона, саҳми арзанда дар рушду инкишофи низоми бонкӣ ва рафтори намунавӣ ба ифтихори таҷлили 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ифтихорнома ва Сипосномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд.

Дар чорабинии мазкур инчунин аз ҷониби роҳбарияти бонк ғолибони мусобиқаи футболи хурд байни воҳидҳои сохтории Бонки миллӣ бахшида ба таҷлили ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.



ҲАМОИШИ ГУРӮҲИ ЭЛЕКТОРАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ



Рӯзҳои 2-3 июли соли 2024 Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон "Маҷмааи Хуталон" ҳамоиш доир намуданд.

Қарор дар бораи барпо намудани ҷаласаи навбатии Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси мудирон ва мудирони алтернативии ХБА моҳи октябри соли 2023 зимни баргузории ҳамоиши солонаи ХБА ва Гурӯҳи БҶ қабул гардида буд.

Ҳамоиши мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал баргузор гардида, дар кори он беш аз 60 намояндагон аз зумраи роҳбарони аввали бонкҳои марказӣ, вазорати молия, роҳбарияти сатҳи баланди ХБА ва ГБҶ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ширкат варзиданд.

Дар ҷаласаи мазкур ҷониби Тоҷикистонро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молия муаррифӣ намуда, инчунин роҳбарияти



идоракунандаи Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, вазоратҳои молия ва бонкҳои марказии Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Лаҳистон, Сербия, Швейтсария ва Туркманистон иштирок намуданд.

Ҷаласаи Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳониро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ифтитоҳ намуда, аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарияти Гурӯҳи электорат, ки айни замон аз ҷониби Швейтсария амалӣ карда мешавад, барои саҳм гузоштан дар рушди ҳамкорӣ ва муколамаи байни кишварҳои аъзо изҳори сипос намуд. Махсусан ба ҷаноби Томас Йордан, Марсел Петер ва Доминик Фавре, ки дар вазифаҳои масъули Гурӯҳи электорат барои ҷалби сармоя ҷиҳати расонидани кумаки техникӣ ва дастгирии машваратӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштанд, дуруду сипоси бепоён арз карда шуд.

Қабули Барномаи фишангги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI), ташрифи Директори иҷроияи ХБА хонум Кристалина Гиоргиева ба Тоҷикистон худ омодагии кишварро ба ислоҳотҳои нав ва баланд бардоштани шаффофияти иқтисодиёт муаррифӣ месозад. Чунин рӯйдодҳои муҳим ҳамчун омили муҳим барои фароҳам овардани имконоти ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегардад.



Дар ифтитоҳи ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва ГБҶ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад ширкат дошта, доир намудани ин ҳамоиши сатҳи баландро барои тақвият бахшидани ҳамкорӣ миёни аъзои Гурӯҳи электорати ХБА тавассути табодули андешаҳо ва баррасии масъалаҳои муҳимми бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ заминаи устувор хонд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки дар доираи ҷаласаи Гурӯҳи электорат масъалаҳо вобаста ба мушкилоти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, молия, роҳҳои пешбурди сиёсати монетарию фискалӣ, нигоҳдории суботи молиявӣ, дурнамои макроиқтисодӣ бо назардошти таъсири хавфҳои геополитикӣ, чорабиниҳои бахши молиявӣ барои коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва масъалаҳои дигари муҳим мавриди таваҷҷуҳ ва баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Сипас тибқи барномаи ҷаласаи мазкур роҳбарияти созмонҳои болозикр, инчунин намояндагони вазоратҳои молия ва бонкҳои марказии кишварҳои иштирокчӣ роҷеъ ба масъалаҳои мавриди назар баромад намуданд.

Дар қисмати аввали ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва ГБҶ Директори иҷроияи ХБА Марсел Петер ва Ноиби Президент барои кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани баромад карда, аз имконоти баррасии шарҳи иқтисоди ҷаҳон, баррасии масъалаҳои марбут ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, масъалаҳои минтақавӣ,






суботи молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар доираи ҳамоиши мазкур ибрози назар карданд. Зикр карда шуд, ки вазъи иқтисодӣ мунтазам беҳтар шуда, сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда қарор дорад. Инчунин оқибатҳои пандемияи COVID-19, вазъияти сиёсии як қатор кишварҳо (Русия, Украина, Афғонистон ва ғайра), ки паёмадҳои буҳрониро ба бор оварда ба иқтисоди ҷаҳон таъсир мерасонанд, мавриди таъкид қарор гирифт. Бо вуҷуди ин паёмадҳо солҳои охир бонкҳои марказии Гурӯҳи электорат ба як қатор пешравиҳои муосир ноил гашта, сохторҳои монетарии худро таҳким бахшиданд, бонкҳои марказӣ махсусан дар самти модернизатсия ба дастовардҳо ноил гашта, идома бахшидани ҳамкориро дар ин самт муҳим арзёбӣ менамоянд.



Қисмати дуюми ҳамоишро ҷаласаҳои панелии сатҳи баланд идома бахшид, ки ба масъалаҳои муҳимми иқтисоди ҷаҳонӣ рабт дошт. Дар доираи ҷаласаҳои панелӣ аз ҷониби Гурӯҳи электорат вобаста ба мавзуъҳои “Иқтисоди сабз ҳамчун алтернатива барои рушди иқтисодиёт” ва “Рақамикунонӣ ҳамчун тамоюли иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи муосир”чанд рӯнамо муаррифӣ гардида, иштирокдорони чорабинӣ доир ба таъсири тағйирёбии иқлим, рушди маблағгузории сабз, табодули таҷриба дар рушди фанноварии маблағгузории сабз (Green FinTech), истифодаи зеҳни сунъӣ дар низоми бонкӣ, рақамикунонӣ, пулҳои рақамӣ ва технологияҳои рақамӣ табодули назар намуданд. Қайд гардид, ки консепсияи иқтисоди сабз торафт дар ҷаҳони муосир муҳим арзёбӣ шуда, масъалаҳои






тағйирёбии иқлим ва муҳити зист меафзоянд. Аз ин рӯ рақамикунонӣ фишанги устувор маҳсуб ёфта, бо ҷалби инноватсия самаранокиро баланд бардошта, имкониятҳои тарафайнро ҳам дар бахши хусусӣ ва ҳам давлатӣ тавсеа мебахшад. Иштирокдорони ҷаласаҳои панелӣ таъкид доштанд, ки масъалаҳои баррасишаванда на танҳо дар ташаккули минбаъдаи иқтисодиёти миллии кишварҳо, балки дар маҷмуъ ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад.

Дар доираи ҷаласаҳои Гурӯҳи электорати ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ бо истифода аз фазои мусоиди мушваратӣ 1 июли соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон Толеҳ Казимов вохӯрӣ анҷом дод.


Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо аз густариши ҳамкориҳои судманд изҳори қаноатмандӣ карда, имзои "Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон" ва “Ёддошт байни Департаменти мониторинги молиявии БМТ ва Хадамоти мониторинги молиявии Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО”-ро натиҷаи ҳамкорӣ ва ташрифҳои мутақобилаи роҳбарони бонкҳои марказии ду кишвари бо ҳам дӯст унвон карданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо инчунин доир ба тақвияти ҳамкории низоми бонкии ду кишвар табодули назар карда, изҳор доштанд, ки ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати ҳамкорӣ саъю талош ба харҷ медиҳанд.

Дар баробари ин таъкид карда шуд, ки фароҳам овардани шароит барои кушодани намояндагии бонк дар кишвар, рушди муносибатҳои муросилотӣ миёни бонкҳои тиҷоратии ҳар ду кишвар, табодули таҷриба дар соҳаи назорати бонкӣ ва суғурта, рушди бозори сармоя ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ аз мавзуъҳои минбаъдаи ҳамкории тарафайн арзёбӣ карда шуд.







Дар ҳошияи баргузории ҷаласаи Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки ҳайати роҳбарикунандаи ин ҳамоиши бонуфузи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, 2 июли соли 2024 мулоқоти дуҷонибаи Гурӯҳи электорат бо тими иқтисодии кишвар таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гашт. Дар мулоқот муовини якуми Сарвазири кишвар Холиқзода Ҳоким, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, вазири молияи кишвар Қаҳҳорзода Файзиддин, вазири федеролии молияи Швейтсария Карин Келлер-Зуттер ва раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Йордан ширкат карданд.

Ҷонибҳо аз ҳамкории тарафайни судманд дар низоми бонкӣ истиқбол карда, аз саҳми Бонки миллии Швейтсария дар рушди самтҳои муҳимтарини низоми бонкӣ, аз ҷумла намудани ҳамкорӣ дар самтҳои дигари судманд, аз ҷумла ҷалби сармояи Конфедератсияи Швейтсария ва технологияҳои муосири он ба рушди дигар соҳаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда шуд.

3 июли соли 2024 дар идомаи баргузории ҷаласаи Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ дар маҷлисгоҳи меҳмонхонаи “Hyatt Regency” иштирокдорони чорабинӣ бо муовини Директори идоракунандаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷаноби Бо Ли мукола-ма доир намуданд.



фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар бахшҳои идоракунии захираҳои байналмилалӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва идоракунии хавфҳои амалиётӣ махсусан қайд карданд. Зимни муколамаи ҷонибҳо инчунин масъалаи роҳандозӣ

Муовини Директори идоракунандаи ХБА зимни мулоқоту машварати ҷолиб дар робита ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба вазъи иқтисодиву молии кишварҳои минтақа, роҳҳои кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, хатари



обшавии пиряхҳо, таҳкими механизмҳои ташаккули иқтисоди сабз ва ҷалби технологияҳои муосир ба бахшҳои гуногун суханронӣ кард.

Зимни муколамаи судманд раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода доир ба кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар бозорҳои ҷаҳонии сармоягузории сабз, рушди нақлиёти сабз ва инфрасохтори он, такмили қонунгузорӣ оид ба рушд ва истифодаи васеи иқтисоди сабз ва Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” барои солҳои 2023-2037 таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб намуд.

Дар идома, иштирокдорон вобаста ба роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои иқтисоди сабз, механизми ҷалби маблағгузории сабз, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрав дар самти иқтисоди сабз, аз ҷумла ИМА, Чин, Аврупо ва дигар кишварҳои пешрафта дар ин масъала, инчунин дурнамои ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ доир ба тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он муколама намуда, ба саволҳои худ аз муовини директори идоракунандаи ХБА посух гирифтанд.

Бояд қайд намуд, ки дар сохтори ХБА айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Лаҳистон, Сербия, Швейтсария ва Туркманистон ба Гурӯҳи электорат шомил мебошад. Айни замон роҳбарии Гурӯҳи электорат аз ҷониби Швейтсария амалӣ карда мешавад.

Ҷаласаи Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии





Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ ҳар сол бонавбат дар кишварҳои аъзои гурӯҳ баргузор карда мешавад ва дар доираи ҷаласаи Гурӯҳи электорат масъалаҳо вобаста ба мушкилоти иқтисодиёти ҷаҳонӣ, молия, роҳҳои пешбурди сиёсати монетарию фискалӣ, нигоҳдории суботи молиявӣ, дурнамои макроиқтисодӣ бо назардошти таъсири хавфҳои геополитикӣ, чораҳои бахши молиявӣ барои коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва масъалаҳои дигари муҳим баррасӣ мегарданд. Ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва ГБҶ бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гашта, ба тақвияти ҳамкории кишварҳои узви электорат, баланд бардоштани нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва муаррифии имкониятҳои нави ҳамкорию сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

М.Ҳасанова,
сармуҳаррири маҷалла



АХБОРИ БОНКӢ

ИТТИЛООТ · НАВИД · РӮЙДОД

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД



ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР БА БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

25 сентябри соли 2024 дар доираи ташрифи ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҳайати ХБА таҳти роҳбарии ҷаноби Мэтью Гертнер доир гашт.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс ба Хазинаи Байналмилалии Асъор барои ҳамкории доимӣ ва кумаки техникӣ дар самти таҳкими сиёсати иқтисодӣ ва татбиқи ислоҳоти сохторӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад, изҳори сипос намуда, омодагии ҳамаҷонибаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҳамкорӣ иброз дошт.

Роҳбари ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷаноби Мэтью Гертнер иброз дошт, ки дар доираи татбиқи Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrument) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, барои муҳокимаи шарҳи аввали ин барнома омода аст.

Ҷонибҳо дар доираи татбиқи шарҳи аввали Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат масоили татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, дурнамои рушд, суръати рушди иқтисодиёт, таваррум, дурнамои иқтисодӣ ва чораҳои ҷавобӣ, рушди бозори дохилии асъори хориҷӣ ва идоракунии захираҳо, суботи молиявӣ, рушди низоми пардохт, самаранокии низоми бонкӣ, ислоҳот дар назорат ва танзим, таҳкими тахассусият ва ғайра баррасӣ хоҳанд кард.

Зикр карда шуд, ки Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат бо назардошти ислоҳоти афзалиятнок баҳри таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар таҳия гардидааст.

Дар доираи ташрифи ҳайати ХБА ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 23 сентябр то 4 октябри соли 2024 идома хоҳад ёфт, мулоқоту вохуриҳо бо роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи шарҳи аввали Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат дар назар аст.

Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrument) бо дархости Ҷумҳурии



ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

Тоҷикистон оид ба таҳкими сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии татбиқи ислоҳоти сохторӣ аз ҷониби Шурои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор 28 феврали соли 2024 ба муҳлати 22 моҳ тасдиқ шуда, барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибнокии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДИРЕКТОРИ ИҶРОИЯИ АЛЯНС БАРОИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ

23 сентябри соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо директори иҷроияи Алянс барои фарогирии молиявӣ (AFI) доктор Алфред Ханиг мулоқот анҷом дод.

Зимни мулоқот ҷонибҳо атрофи масоили дастрасии молиявӣ ва дастовардҳу пешравиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, ҳамкорӣ дар доираи барномаҳои Алянс барои фарогирии молиявӣ, татбиқи амалии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ин ташкилоти бонуфузи молиявӣ ҷиҳати баргузории ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории Алянс барои



фарогирии молиявӣ, аз ҷумла Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва Стратегияи фарогирии молиявӣ (FISPLG) дар соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назар намуданд.

молиявӣ буда, 90 мақомоти давлатии зиёда аз 80 кишвари дунё аъзои он мебошанд. Фаъолияти AFI ба пешбурди сиёсати фарогирии молиявӣ дар кишварҳои аъзо равона гардида, Бонки миллии



Бояд қайд кард, ки Алянс барои фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion) ташкилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ дар соҳаи таҳия ва татбиқи сиёсати фарогирии

Тоҷикистон аз соли 2011 узви комилҳуқуқи он мебошад ва аз имкониятҳои узвият дар ин ташкилот самаранок истифода мебарад.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



ИШТИРОКИ МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ШАРИФЗОДА ФИРУЗ ҲОМИДДИН ДАР ҶАЛАСАИ 8-УМИ ГЛОБАЛИИ ШАБАКАИ БОНКДОРӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ УСТУВОР

Рӯзҳои 11-12 сентябри соли 2024 муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин дар ҷаласаи 8-уми глобалии Шабакаи бонкдорӣ ва маблағгузории устувор (SBFN), ки дар ҳошияи ҷаласаи Гурӯҳи кории молияи устувор (SFWG)-и G20 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия баргузор гардид, ширкат варзид.

Дар чорабинии мазкур маърӯзачиёни сатҳи баланд, аз ҷумла роҳбарияти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, мудирони бонкҳои марказӣ ва танзимгарони молиявии минтақаи Аврупо, Осиё ва давлатҳои аъзои SBFN, роҳбарони агентиҳои танзимкунанда ва ассотсиатсияҳои саноатӣ дар бозорҳои рушдёбанда ва намояндагони шабакаҳои пешрафтаи байналмилалӣ ва ташкилотҳои муқарраркунандаи стандартҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Дар кори ҷаласа аъзои SBFN бо афзалиятҳои стратегӣ ва натиҷаҳои гурӯҳи кории SBFN, таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳониву ташаббусҳои онҳо дар пешбурди маблағгузории устувор дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ шинос гардида, вобаста ба тамоюлҳои асосӣ, имкониятҳо ва мушкилот дар соҳаи молияи устувор дар бозорҳои рушдёбанда муколама ва мубоҳисаҳои панелӣ анҷом доданд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз дар доираи сафари худ бо ҳамоҳангсози ҷаҳонии шабакаҳои SBFN, ESG, IFC, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ – Ронг Чжан ва роҳбари шуъбаи маблағгузории устувор, таҳаввулоти иқтисодии устувор ва лоиҳаи глобалии маблағгузории устувори Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ) – Макайо Витте мулоқотҳои алоҳида анҷом дод.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари низоми бонкӣ ва суғурта Нақшаи чорабиниҳоро доир ба татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд, ки ҳадафи он таъмини рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин таъмини баробарии экологӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад, - зикр гардид зимни мулоқотҳо.

Муовини якуми раиси БМТ Шарифзода Фируз иброс дошт, ки шарикони рушд, аз ҷумла IFC, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва GIZ метавонанд дар роҳи пешрафти маблағгузории устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути омӯхтани таҷрибаи хуби байналмилалӣ ва пешбурди ҳадафҳои муштарак, аз қабили баланд бардоштани иқтидори кормандони БМТ дар ҷамъоварии маълумоти сабз, таҳияи нақшаи гузариш ба ҷанбаҳои сабз, рушди бозори вомбаргҳои сабз, таҳияи санадҳои дахлдор вобаста ба идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ, корпоративӣ (ESG), ҷорӣ намудани принсипҳои маблағгузории устувор ҷиҳати ҳалли мушкилоти камбизоатӣ, тағйирёбии иқлим ва дигар масъалаҳои таъхирнопазир,

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



таҳияи стандартҳо, дастурҳо, қоидаҳо ва роҳнамоҳо оид ба идоракунии хавфи экологи-ву иҷтимоӣ барои бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ, таҳияи роҳнамоҳо барои бонкҳо оид ба пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок дар раванди амалисозии иқтисоди "сабз" мусоидат намоянд.

Ёдовар мешавем, ки шабакаи SBFN соли 2012 бо мақсади суръат бахшидан ба маблағгузории устувор дар бозорҳои рушдёбанда ҳамчун воситаи тақвияти устуворӣ ва инкишоф таъсис ёфта, Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои БМТ ва низоми бонкӣ 8 декабри соли 2023 ба шабакаи номбурда пайваст гардидааст.

МУҲИММИЯТИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ВОЛОНТЁРОН

Бо мақсади ҷалби волонтёрони ҷавон дар татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22 июни соли 2023, №586 ва бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Бонки миллии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон семинари машваратӣ-омӯзишӣ таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом, муовини раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмонзода Абдураҳмон Сафаралӣ доир гашт.



Семинари машваратӣ ба мавзуи "Фаъолияти фаҳмондадиҳии муҳтаво ва муҳиммияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва фаъолияти волонтёрон дар бонкҳои давлативу ғайридавлатии ҳудуди шаҳри Душанбе" бахшида шуда, дар он намояндагони як қатор ташкилотҳои қарзии кишвар ва гурӯҳи калони волонтёрон ширкат доштанд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин аз рушди босуръати технологияҳои муосир ва тағйир ёфтани талаботи ҷомеа дар баробари пешрафти инноватсия, рӯ овардани қишри ҷавони ҷомеа ба фаъолияти фосилавӣ, аз ҷумла ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки амалиётҳои

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

молиявиро осону мусоид мегардонад, таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб намуда, иштироки фаъолонаи волонтёронро дар татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ қадами муҳим дар роҳи рушди устувори иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуд.

Дар баробари ин муовини раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмонзода А.С. таъкид намуд, ки ҳамоиши мазкур ба иштирокдорон имкон медиҳад, ки донишу малакаи худро дар ин самт тақвият бахшида, дар фаъолияти минбаъда васеъ истифода баранд.

Бо ин мақсад ҷиҳати пешниҳоди маълумоти бештар ба волонтерон мутахассисони низоми бонкӣ дар мавзуъҳои “Рақамикунонии пардохтҳо: моҳият ва бартариятҳои он”, “Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, “Муҳтаво ва муҳиммияти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ва “Бонки миллии Тоҷикистон мақоми ваколатдор дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ” бо рӯнамо баромад карда, ба саволҳои иштирокдорон посух доданд.

Зимни ҳамоиш фаъолияти тарғиботии волонтёрон дар самти истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ муҳим арзёбӣ карда шуд, зеро ба ин васила ҷавонон метавонанд дар рушди ҷомеа, пешбурди пардохтҳои ғайринақдӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ саҳмгузор бошанд.

ҲАЙАТИ ДЕПАРТАМЕНТИ ХАЗИНАДОРИИ ИМА БА БОНКИ МИЛЛӢ ОМАД

14 августи соли 2024 вохӯрии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҳайати Департаменти хазинадории ИМА, таҳти роҳбарии мушовири калони Гурӯҳи хизматрасониҳои бонкию молиявии ин ташкилот хонум Паула Ҷонс баргузор шуд. Дар



он ҷонибҳо оид ба масъалаҳои лоиҳаҳои муштарак ва самтҳои нави ҳамкориҳои дуҷониба муҳокимаронӣ карданд.

Дар мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз саҳми назарраси Департаменти хазинадории ИМА дар татбиқи кӯмакҳои техникӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон дар самти иваз намудани низоми амалкунандаи автоматишудаи Бонки миллии Тоҷикистон, татбиқи ислоҳоти соҳаи суғурта ва бунёди инфрасохтори он, беҳтар кардани раванди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони низоми суғурта ва тарҳрезии бизнес-равандҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ташкили нишондиҳандаҳои калидии хавфи амалиётӣ ёдовар шуда, ба ҳайати Департаменти хазинадории ИМА изҳори сипос намуд.

Ҷонибҳо доир ба лоиҳаҳои нав дар самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла, пешгирӣ ва бартараф намудани хавфҳои амалиётӣ, бозомӯзии кормандон ва омода намудани хавфменеҷерҳои соҳавӣ, таҳлилу баррасии маълумотҳои омории пешниҳодшавандаи низоми суғурта, дар амал ҷорӣ намудани низоми муосири ҳисоботдиҳии соҳаи суғурта ва дигар масъалаҳои муҳим суҳбат намуданд.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ КОМИССИЯИ ДОИМО-АМАЛКУНАНДАИ БАЙНИИДОРАВӢ ОИД БА МҚД/МТ/МПСҚО



25 июни соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Зариф Ализода (Раиси Комиссия) бо иштироки намояндагони мақомоти дахлдори кишвар ва департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Раиси Комиссия бо назардошти тағйиротҳои баамаломадаи низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи талаботҳои Тавсияҳои ФАТФ дар кишвар мухтасар маълумот дод.

Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра низоми миллии худро дар ин самт таҳким бахшида, қонунгузории кишвар ба талаботҳои байналмилалӣ, бахусус, тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) мутобиқ гардида истодааст ва дар он саҳми Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ, ки масъалаҳои онро баррасӣ менамояд, назаррас аст.

Қайд карда шуд, ки баъд аз даври дуюми баҳодиҳии мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 то ба имрӯз панҷ Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешрафт, ки аз ҷониби департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон омода шудаанд, дар ҷаласаҳои пленарии Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) баррасӣ карда шуданд.

Раиси Комиссия иброз дошт, ки дар умум аз 40 тавсияи ФАТФ, ки давлатҳои аъзои СММ бояд онро иҷро намоянд, ба ҳолати имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 34 тавсия баҳои мусбии “комилан мутобиқ” ва “мутобиқи назаррас” дошта, баҳои манфии “қисман мутобиқ” бошад, танҳо аз рӯи 6 тавсияи ФАТФ боқӣ мондааст.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои марбут ба иҷрои қарорҳои Пайнавишти ҷаласаи қаблии Комиссия, руйхати миллии шахсони бо терроризм алоқаманди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳисобот оид ба баҳодиҳии хавфҳои маблағгузории терроризм дар бахши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва Роҳнамо оид ба назорати ба хавф нигаронидашудаи фаъолияти сохторҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳимояи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз суиистифода бо мақсади маблағгузории терроризм ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуд.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД

Раиси Комиссия иброз дошт, ки қабули аввалин ҳисобот ва роҳнамо дар бахши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ имкон медиҳад, ки раддабандии кишвар аз рӯи тавсияи 8-уми ФАТФ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҷаласаи навбатии Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бозбинӣ карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, гуфта шуд, ки бо назардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2024, №2017 дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар масъалаи ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ дар кофтуков, ҳабси молу мулк ва мусодираи он, инчунин тақсими молу мулки мусодирашуда ва ғайра ба танзим дароварда шуда, дар баланд бардоштани тавсияи 38-уми ФАТФ вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила дар ғайрифаъолгардонӣ, ҳабс ва мусодира кардани молу мулк мусоидат менамояд.

Дар интиҳо, Раиси Комиссия иштирокчиёни ҷаласаро бо ҷашни дарпешистода, 27-умин солгарди ҷашни Ваҳдати миллӣ табрик намуда, ҳамагонро барои бо ҳисси масъулияти баланд иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ даъват намуд.



БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМ БО САФИРИ ИМА ДАР ТОҶИКИСТОН

8 июли соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо сафири Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мануэл П.Микаллер мулоқот анҷом дод.

Зимни машварат ҷонибҳо роҷеъ ба масъалаҳои таҳкими суботи молиявӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, татбиқи ҳисоботдиҳии байналмилалии молиявӣ ва аудити дохилӣ мубодилаи афкор намуданд. Қайд гардид, ки айни замон кор дар самти таҳияи марҳилаи чоруми кумаки техникӣ аз рӯи лоиҳаи “Баланд бардоштани тамомияти молиявӣ ва таҳкими суботи молиявӣ ва дастрасӣ дар Тоҷикистон”, ки ба беҳтар



кардани мониторинг, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ равона

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

шудааст, давом дорад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода изҳор намуд, ки ҳамкорӣ дар самти ҷалби кумаки техникӣ ва машваратӣ ҷиҳати нигоҳ доштани субот дар бахши пулию қарзӣ ва молиявӣ, беҳтар кардани сиёсати макропруденсиалӣ ва арзёбии хавфҳои низом, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзиму назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ, амнияти иттилоотӣ, муборизаи бо таҳдидҳои киберӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва таҳкими назорати фаъолияти низоми пардохт ва дар амал татбиқ намудани Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 идома хоҳад ёфт.



ХИЗМАТРАСОНИИ GOOGLE PAY ДАР ТОҶИКИСТОН

Зимни мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Шурои тиҷоратии ИМА, ки 25 июни соли 2024 доир гашт, ҷонибҳо ҳамкории судманди тарафайн дар солҳои соҳибистиқлолӣ ва дурнамои ҳамкориро баррасӣ намуданд.

Раиси Бонки миллӣ Толибзода Ф. аз дастгирии Шурои тиҷоратии ИМА тавассути ҷалби лоиҳаҳо ва кумакҳои техникӣ, аз ҷумла дар самти таҷдиди низоми нави автоматикунонидашудаи муосир, суботи молиявӣ, низоми МҚД/МТ/МПСҚО, фарогирии молиявӣ, татбиқи муқаррароти СБҲМ, аудити дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, ҳамкорӣ бо Корпуси волонтёрони рушди хизматрасониҳои молиявӣ истиқбол карда, ширкати сармояи ИМА дар сармояи бонкҳои Тоҷикистон ва таъсиси намояндагии бонкҳои ИМА дар кишвар мусоидаткунандаи густариши робитаҳои иқтисодии ду кишвар хонд.



Директори иҷроияи Шурои тиҷоратии ИМА хонум Елена В.Сон омодагии ҳайати мазкурро ҷиҳати идомаи рушди муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни ИМА ва Тоҷикистон баён дошт.

Дар ҳошияи мулоқот ба фаъолияти шабакаи хизматрасонии низоми пардохтҳои ғайринақдӣ Google Pay дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳусни оғоз бахшида шуд, аввалин шуда дар кишвар ҶСК "Алиф Бонк" ба ин низом насб шуд.

"БТҶ",
шуъбаи матбуот

ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИАМОН САҲМИ БОСАЗО ГУЗОРЕМ



Дар ҷаласаи васеи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳо ва амонатҳои шахсони воқеӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва бюроҳои таърихи қарзӣ, ки санаи 11 июли соли равон доир гардид, ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи аввали соли 2024 ва вазифаҳои навбатӣ барои нимсолаи дуюми соли 2024 мавриди муҳокимаи ҳамаҷониба қарор дода шуд. Ҷаласаи ҷамъбастӣ таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, ҳузури мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Қосимзода Иноятулло, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз ва муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор баргузор шуд.

Нахуст раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс диққати аҳли нишастро ба нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои низоми бонкӣ ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда бахшида шудаанд, ҷалб намуд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат бо таҳлили амиқи фаъолияти низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ дар назди ҳозирин суханронӣ намуда, қабл аз ҳама бо истифода аз фурсати муносиб ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ



Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул, яъне ҳиссаи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД дар интиҳои давраи ҳисоботӣ 32,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 б.ф. зиёд мебошад.

– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии доимиашон оид ба рушди низоми бонкӣ миннатдории самимии худро изҳор намуд. Дар идома раиси Бонки миллӣ иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ мутобиқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат роҳандозӣ намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронии хеш қайд намуд, ки новобаста аз фазои мураккаби сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва идомаёбии номуайяниҳои молиявӣ, дар давраи баррасишаванда пешравиҳои назаррас дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба қайд гирифта шуда, рушди босуботи иқтисодию молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд.

Аз ҷумла, маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ ба 61,7 млрд сомонӣ расида, рушди воқеии он 8,2 фоизро ташкил намуд.

Нишондиҳандаи дигари муҳимми макроиқтисодӣ –

ДОРОИҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ



сатҳи таваррум дар ин давра нисбатан муътадил буда, 1,9 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,4 б.ф. кам мебошад.

Таваррумӣ солона бошад, дар моҳи июни соли ҷорӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6±2 б.ф.) қарор дошта, 3,5 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,1 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул, яъне ҳиссаи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД дар интиҳои давраи ҳисоботӣ 32,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 б.ф. зиёд мебошад.


Зимни суханронӣ Ф.Толибзода таъкид дошт, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва коҳиш додани фишорҳои таваррумии монетарӣ дар ин давра 52 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3,0 млрд сомонӣ баргузор карда шуд.

Дар баробари ин, аз ташкилотҳои қарзӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз зиёда аз 980,0 млн сомониро ташкил менамояд.



Дар рафти ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор дошт, ки меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ бинобар идома ёфтани раванди муътадилии сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқарраргардида, паст қарор доштани сатҳи таваррум дар ин давра тадриҷан 0,75 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 9,25 фоизи солона муқаррар гардид.

САРМОЯИ НИЗОМИ БОНКӢ



Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қурбиро дар реҷаи “шинокунандаи танзим-шаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” ҷиҳати татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва идора намудани захираҳои байналмилалӣ амалӣ карда истодааст. Во-баста ба ин қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба андозаи 2,7 фоиз устувор гардид.

Қайд гардид, ки ҷалби па-сандоз яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳисоботӣ бақияи пасандозҳо 21,1 млрд сомо-ниро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 24,1 фоиз ё ба андозаи 4,1 млрд сомонӣ зиёд мебо-шад, ки аз барқароршавии эътимоди аҳолӣ ба ни-зоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ 10,6 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,5 фоиз ё ба маблағи 1,3 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Бақияи умумии қарзҳо маблағи 19,4 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,0 фоиз ё ба маблағи 3,2 млрд сомонӣ афзоишёбӣ дорад. Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ 23,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 12,0 фоизро ташкил дод.


Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро дар нимсолаи аввали соли равон натиҷагирӣ на-муда, раиси Бонки миллӣ Толибзода Фирдавс таъкид дошт, ки фаъолияти онҳо дар ин давра бо фои-да ба маблағи 728,0 млн сомонӣ ҷамъбаст гардид. Даромаднокии дороиҳои низоми бонкӣ 3,5 фоиз ва даромаднокии сармояи он бошад, 18,1 фоизро ташкил намуд.

Дар мавриди дар амал татбиқ намуда-ни муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии вако-латдор тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар натиҷа, аз 30 ав-густи соли 2021 то 30 июни соли 2024 ҳаҷми умумии маблағҳои қонунигардонидашуда 6,4 млрд сомониро ташкил дод, ки аз онҳо ба сифати пасандозҳои муҳлатнок 28,0 фоиз (1,8 млрд сомонӣ), сармоягузорӣ 37,5 фоиз (2,4 млрд. сомонӣ) ва муодилаи асъори хориҷӣ 34,5 фоиз (2,2

Дар давраи ҳисоботӣ қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ 10,6 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,5 фоиз ё ба маблағи 1,3 млрд сомонӣ зиёд мебошад.

САНДУҚИ ҚАРЗӢ
Бақияи сандуқи қарзӣ (маҷмӯӣ), млрд. сомонӣ



млрд сомонӣ) рост меояд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, тадбирҳои андешидашудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, раванди иҷрои Фармони мазкур ва фаъолияти Гурӯҳҳои корӣ иттилоъ дод.

Дар идомаи ҷаласа роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Зафар Абдуллоев - директори департаменти назорати бонкӣ, Нигина Қурбоналиева – сардори идораи суботи молиявӣ, Зиёратшо Бояков- директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Ҳалим Мирзоалиев - директори департаменти мониторинги молиявӣ, Дилшодбек Ғаниев - директори департаменти технологияҳои иттилоотӣ, Шуҳрат Салоҳиддинов - директори департаменти низоми пардохт ва Далер Муродалиев- сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бо таҳлили амиқ ва муаррифии муфассал аз рӯи масъалаи асосии рӯзномаи маҷлис оид ба мавқеи низоми бонкӣ, дастуру

«

Дар натиҷа, аз 30 августи соли 2021 то 30 июни соли 2024 ҳаҷми умумии маблағҳои қонунигардонидашуда 6,4 млрд сомониро ташкил дод, ки аз онҳо ба сифати пасандозҳои муҳлатнок 28,0 фоиз (1,8 млрд сомонӣ), сармоягузорӣ 37,5 фоиз (2,4 млрд. сомонӣ) ва мубодилаи асъори хориҷӣ 34,5 фоиз (2,2 млрд сомонӣ) рост меояд.

супоришҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, чораҳои андешидашуда, нақшаҳои минбаъда ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2024 дар назди ҳозирин баромад намуданд.

Қисмати зиёди муаррифии васеи омоданамуда ба масъалаҳои муҳимми сиёсати пулию қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ, сохтори ташкилотҳои қарзии молиявӣ, сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо дар низоми бонкӣ, нишондиҳандаҳои маҷмӯии тавозунии ташкилотҳои қарзӣ, сохтори сармояи низоми бонкӣ, саҳми низоми бонкӣ дар иқтисодиёт, сифати сандуқи қарзӣ, ҳаҷми пасандозҳо ва амонатҳо, устувории суботи молиявӣ, ҳаҷми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ғайра бахшида шуда буд.

Дар робита ба масъалаҳои баррасишаванда мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

АМОНАТҲО, млрд. сомонӣ






оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Қосимзода Иноятулло суханронӣ намуда, таъкид кард, ки ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, инчунин дарёфти манбаъҳои иловагии дарозмуҳлат ва арзон чораҳои зарурии иловагӣ андешанд.

Дар ин замина паст кардани фоизҳои қарз, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, махсусан қарзҳои дарозмуҳлат ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла ба бахшҳои истеҳсолӣ ва барои рушди ҳунармандиву косибӣ, бо дарназардошти идоракунии хавфҳо ва имкониятҳои ҷойдошта, чораҳои таъхирнопазирро амалӣ намоянд. Дар баробари ин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар баҳри таъмини фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар идома, роҳбарони як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ҷаласа ба сухан баромада, пиромуни баъзе ҷанбаҳои фаъолияти хеш, роҳҳои беҳтар кардани кори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд фикру андешаҳояшонро баён намуданд ва ҳамзамон изҳор доштанд, ки омодаанд дар ҳамбастагӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар татбиқи

НИШОНДИҲАНДАҲОИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ

Даромаднокии низоми бонкӣ – фоида, ROA/ROE



дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, инчунин ҳаллу фасли масъалаҳои мавҷуда саҳмгузор бошанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар қисмати хотимавии ҷаласаи васеъ фаъолияти низоми бонкии кишвар дар нимсолаи якуми соли 2024 ҷамъбаст намуда, бо истифода аз дастуру супоришҳои дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, дар назди роҳбарони ташкилотҳои қарзии кишвар вазифаҳои навро баён намуд. Таъкид карда шуд, ки дар соли 2024 аз ҷониби низоми бонкӣ идома додани иҷрои вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла таъмини иҷрои саривақтии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, иҷрои саривақтии Стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026, таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баён гардидаанд, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ, бартараф намудани камбудиҳои зимни санҷиш ошкоршуда, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва таъмини баробарии гендерӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, таҳким бахшидани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, хусусан маблағгузориҳои дарозмуҳлат, баланд бардоштани касбияти кормандон, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳои киберӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, иҷроиши саривақтии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пайваста андешидани чораҳои зарурӣ барои баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ ва амсоли инҳо чораҳои амалӣ андешида шаванд.

Таъкид гардид, ки Пешвои миллат пайваста дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, мулоқоту вохӯриҳо ва бахусус дар Паёми навбатии худ қайд карданд, ки ҳар қадар аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Дар анҷоми суханронӣ бо изҳори боварӣ аз ташкилотҳои қарзӣ даъват ба амал оварда шуд, ки қарздиҳиро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва аҳолӣ дар доираи хавфҳои ҷойдошта ва боназардошти идоракунии онҳо зиёд намуда, дар сиёсати қарздиҳии худ барои бо маблағҳои қарзӣ таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус соҳибкории хурду миёна, истеҳсолкунандагони ватанӣ, ки заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошанд, аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

“Бонки миллии Тоҷикистон чун таҷрибаи мусбати солҳои пешин дар якҷоягӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ барои босамар дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди низоми бонкӣ тадбирҳои пайваста хоҳад андешид. Ҳамаи моро мебояд, ки нимсолаи дуюми соли 2024-ро бо дастовардҳои аз ин ҳам беҳтар ҷамъбаст намуда, дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллиамон саҳми босазо гузорем”, - таъкид дошт раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар фарҷом ба аҳли нишаст.

Ҳасанова М.Э.

Алянси фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion)


Иштироки муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин дар ҷаласаи солона ва Форуми глобалии сиёсати Алянси фарогирии молиявӣ (AFI)



Ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин дар чорабиниҳои Форуми глобалии сиёсати Алянси фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI), ки аз 1-ум то 5-уми сентябри соли 2024 дар шаҳри Сан-Салвадори давлати Эл-Салвадор баргузор гардид, ширкат варзиданд. Дар доираи Форуми глобалии сиёсати AFI ҷаласаи умумии солонаи AFI, мусоҳибаю вохӯриҳои дуҷониба, ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ ва ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) доир гашт.

Дар рафти чорабиниҳои мазкур масъалаҳои марбут ба сиёсати инноватсионӣ барои фарогирии ҷаҳон, рақамикунонӣ, баробарии гендерӣ ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳадаф аз баргузории чорабиниҳо ин ҳавасмандгардонӣ дар самти татбиқи сиёсати инноватсионии фарогир ва ба ин васила кӯмак намудан дар амалӣ гардидани сиёсати рушди дастрасии молиявӣ дар



Ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории Алянси Фарогирии молиявӣ (AFI) ва ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI)

қаламрави кишварҳои аъзои AFI, мубодилаи таҷрибаю ғояҳо, моделу амалияҳои сиёсати инноватсионии ба фарогирии муваффақ ва таъсирбахшии молиявӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар Форуми глобалии сиёсати фарогирии молиявӣ, аз ҷумла дар бораи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардидани ҷаласаҳои ду гурӯҳи кории AFI (хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва стратегияи фарогирии молиявӣ (FISPLG)) соли 2025 эълон гардид.

Дар доираи баргузории чорабинии Форуми глобалии сиёсати Алянси фарогирии молиявӣ (AFI) намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои кории Васеъ намудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва муносибат дар бозор (CEMCWG), Маълумот дар бораи фарогирии молиявӣ (FIDWG),

«Дар Форуми глобалии сиёсати фарогирии молиявӣ аз ҷумла дар бораи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардидани ҷаласаҳои ду гурӯҳи кории AFI (хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва стратегияи фарогирии молиявӣ (FISPLG)) соли 2025 эълон гардид.

Стратегияи сиёсати фарогирии молиявӣ (FISPWG) ва маблағгузории корхонаҳои хурду миёна (SMEFWG) иштирок намуданд.

Дар рафти ҷаласаи 28-уми Гурӯҳи корӣ оид ба васеъ намудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва муносибат бо бозор (CEMCWG) дар хусуси ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, имконият ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт муҳокимаронӣ сурат гирифта, ҷиҳати муайян намудани қадамҳои оянда имконият фароҳам оварда шуд. Илова ба ин, аз ҷониби бонкҳои марказии Малайзия, Уганда, Салвадор, Гондурас ва Филиппин рунамоҳо дар мавзуи дахлдор пешниҳод ва мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Инчунин, зимни фаъолияти Гурӯҳи корӣ вобаста ба маълумоти фарогирии молиявӣ (FIDWG) дар самти пешбурди омори нишондиҳандаҳои асосии фарогирии молиявӣ, методологияҳои андозагирӣ, моделҳои сиёсати фарогирии молиявӣ дар таҷрибаҳои ғании кишварҳои аъзои AFI баррасӣ гардида, оғози фаъолияти зергурӯҳ вобаста ба таъсиси “Равзанаи ягонаи иттилоотӣ баҳри дастрасии маълумот” эълон карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаи 25-уми Гурӯҳи Стратегияи сиёсати фарогирии молиявӣ (FISPLG) кишвари Салвадор таҷрибаи худро дар татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2021-2024 ва ташаббусҳои минбаъда дар ин самт, муаррифӣ намуд. Ҳамзамон, масъалаҳои баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ аз ҷониби аъзои AFI, таҳияи стратегияҳои фарогирии молиявии навбатӣ,



гузариш ба стратегияҳои миллии устувори фарогирии молиявӣ (SNFIS) ва дигар мавзуъҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ҷаласаи 23-юми Гурӯҳи корӣ оид ба маблағгузории корхонаҳои хурду миёна (SMEFWG) мубодилаи таҷриба вобаста ба масъалаҳои сиёсати маблағгузории корхонаҳои хурду миёна, самаранокии бозор, соҳаҳои афзалиятнок, механизмҳои алтернативии маблағгузории корхонаҳои хурду миёна, инфрасохтори қарз, заминаи ҳуқуқии танзими он гузаронида шуданд. Илова ба ин, равандҳои корҳои зергурӯҳҳо аз рӯйи мавзуъҳои вобаста ба барои гузаронидани тадқиқот ва таҳияи маҳсулоти илмӣ (knowledge product) маълумот дода шуда, қадамҳои минбаъда муайян карда шуданд.

Далели муҳим аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар 7 гурӯҳи корӣ Аллянси фарогирии молиявӣ (AFI), аз ҷумла васеъ намудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва муносибат бо бозор (CEMCWG), хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG), маълумот дар бораи фарогирии молиявӣ (FIDWG), стратегияи сиёсати фарогирии молиявӣ (FISPLG), таносуби стандартҳои ҷаҳонӣ (GSPWG), маблағгузории сабзи фарогир (IGFWG) ва маблағгузории корхонаҳои хурду миёна (SMEFWG) шомил мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки таҷрибаи андӯхта аз иштирок дар гурӯҳҳои зикргардида имкон медиҳад, ки навгониҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ дар татбиқи амалии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои



солҳои 2022-2026 истифода шаванд.

Дар доираи ҳамоиши мазкур ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин дар ҷаласаи 14-уми ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) ширкат варзиданд.

Дар ҷаласаи ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) масъалаҳо марбут ба фаъолияти Алянси Фарогирии Молиявӣ (AFI) ва ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) пас аз баргузории Форуми глобалии сиёсат дар Манилаи Филиппин, нақшаи кории ташаббуси сиёсати Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) барои солҳои 2024-2028 (марҳилаи II), таҷдиди оинномаи Ташаббуси сиёсии Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (ECAPI) ва дигар мавзуъҳо муҳокимаронӣ гардид.

Таҷрибаи андӯхта аз иштирок дар гурӯҳҳои зикргардида имкон медиҳад, ки навгониҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ дар татбиқи амалии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 истифода шаванд.

Боиси тазаккур аст, ки дар раванди Форуми мазкур иштирокчиёни барномаи Бонкдории бонувони ҷаҳон, Пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон 2024 (Women's World Banking Leadership Diversity Program for Regulators 2024) бо лоиҳаҳои худ баромад намуданд. Дар чорабинии мазкур намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон низ лоиҳаи ниҳоии таҳиянамудаи худро дар мавзуи "Тавсеа бахшидани дастрасии занони соҳибкор ба фишангҳои молиявӣ" муаррифӣ карда, дар натиҷа аз ҷониби Бонкдории бонувони ҷаҳон бо сертификат сарфароз гардонида шуданд.



МУЛОҚОТҲОИ МУФИД:

МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ МАРКАЗИИ ЗАХИРАВИИ ЭЛ САЛВАДОР, РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ПОКИСТОН ВА МУОВИНИ РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ШРИ-ЛАНКА МАСОИЛИ ҲАМКОРИРО БАРРАСӢ НАМУДАНД

Дар ҳошияи чорабиниҳои Форуми глобалии сиёсати фарогирии молиявӣ (AFI) ҳайати Тоҷикистон як қатор мулоқотҳои судмандро анҷом дод. Аз ҷумла, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин бо Президенти Бонки марказии захиравии Эл Салвадор ҷаноби





Лик Дуглас Пабло Родригес, раиси Бонки марказии Покистон ҷаноби Ҷамил Аҳмад ва муовини раиси Бонки марказии Шри-Ланка ҷаноби Муҳамед Аҳмед вохӯрӣ намуданд.

Зимни мулоқотҳо густариши ҳамкориҳои мутақобилаи судманд дар самти омӯзиш ва табодули таҷрибаи пешқадами низоми бонкӣ, аз ҷумла рушди маблағгузории сабз, масъалаҳои инноватсионии гендерӣ, тақвият бахшидани муносибатҳои муросилотӣ, баланд бардоштани иқтидори рушди низоми хизматрасониҳои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон, аз ҷониби муовини якуми раиси Бонки миллӣ Шарифзода Ф.Ҳ. таъкид карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани намояндагиҳо ва бонкҳои хориҷӣ дар кишвар ҳавасманд буда, заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.


Инчунин, ҷиҳати истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар вобаста ба тақвият додани иқтидори кадрӣ дар самти татбиқи амалии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ, платформаи рақамии Smart-NBT ва дигар масъалаҳо муҳокима карда шуданд.

Дар фарҷоми суҳбат ҷонибҳо оид ба тақвият додани ҳамкориҳои тарафайн дар самтҳои афзалиятноки низоми бонкии кишварҳо ибрози андеша намуда, изҳор доштанд, ки ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати ҳамкориҳо талош хоҳанд намуд.

ҶАМЪБАСТИ ФОРУМИ ГЛОБАЛИИ СИЁСАТИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВИИ АЛЯНСИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ (AFI), МАРОСИМИ ҶОИЗАСУПОРИИ AFI ФИНТЕХ 2024, ДАЪВАТИ ДИРЕКТОРИ ИҶРОИЯ ВА КОТИБИ РАЁСАТИ AFI БА ТОҶИКИСТОН

Дар Форуми глобалии сиёсати фарогирии молиявӣ, ки дар шаҳри Сан-Салвадори давлати Эл-Салвадор баргузор гардид, намояндагони бонкҳои марказӣ, вазоратҳои молия, танзимгарони молиявӣ, мақомоти муқарраркунандаи стандартҳо, созмонҳои байналмилалӣ, пешбарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ширкатҳои технологӣ, операторони шабакаҳои мобилӣ, платформаҳои пардохтӣ,





тадқиқотчиён ва коршиносони техникӣ ширкат варзиданд. Дар чорабинии мазкур намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин низ ширкат варзиданд.

Дар чорабинӣ муколамаи сатҳи баланд ва мубодилаи таҷриба сурат гирифта, масъалаи имкониятҳо барои таҳия ва такмили стратегияҳо ва сиёсатҳои миллии фарогирии молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар соли 2024 чорабинӣ зери шиори “Инноватсия барои ҷаҳони фарогир” баргузор гардид.

Ҳадаф аз баргузории Форуми солона табодули таҷриба оид ба масъалаҳои таҳияи стратегияҳои миллии фарогирии молиявӣ ва пешбурди сиёсатҳои миллии фарогирии молиявӣ аз ҷониби танзимгарони аршади молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Дар фарҷоми Форум муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин дар маросими ҷоизасупорӣ иштирок намуда, ба ғолибон аз руйи номинатсияи AFI Финтех 2024 мукофот супорид.

Пас аз чорабинӣ муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин бо Директори иҷроия ва котиби Раёсати AFI доктор Алфред Ханниг мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ масъалаҳо вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои декларатсияи Майя, татбиқи амалии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Тоҷикистон, маблағгузории сабз, рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳо вобаста ба фарогирии молиявӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Ҳамзамон, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз аз Директори иҷроия ва котиби Раёсати AFI доктор Алфред Ханниг ҷиҳати ташриф овардан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ба амал овард.

Бояд иттилоъ дод, ки Алянси (иттиҳоди) фарогирии молиявӣ (AFI) нахустин созмони ҷаҳонист, ки вазифаи шабакаи иттилоотиро барои бонкҳои марказӣ ва дигар институтҳои молиявӣ – танзимгарон дар кишварҳои дорои бозори молиявии тараққиёбанда иҷро менамояд. Фаъолияти Алянс ба иштирокдорон барои дастрасии онҳо ба таҷриба ва иттилооти давлатҳои пешрафта

дар масъалаи боло бурдани маърифати молиявӣ ва осон кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ имконияти хуб фароҳам меорад.

Ҳайати Бонки миллии Тоҷикистонро дар Форуми глобалии сиёсати AFI бо роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин, инчунин директори департаменти омор ва тавозуни пардохт Баҳриддинов Бахтиёр, сардори идораи суботи молиявӣ Қурбоналиева Нигина, сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ Муродалиев Далер, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ Мамадалиев Фарухруз, котиби Раёсати БМТ Шарипова Адолат, сармутахассис Ҳакимзода Абдураҳмон муаррифӣ намуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2011 узви комилҳуқуқи ин Алянси фарогирии молиявӣ гардидааст. Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Алянс баҳри боло бурдани сатҳи дониш, малака ва имкониятҳои зиёд кардани дастрасии молиявӣ дар кишвар тавассути иштирок дар кори гурӯҳҳои кории гуногуни он чораҳои муассир меандешад. Фаъолияти ин гурӯҳҳои корӣ барои мубодилаи самараноки таҷриба ва боло бурдани сатҳи дониш дар соҳаи дастрасии молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, масъалаҳои таҳияи маълумоти оморӣ оид ба дастрасии молиявӣ ва дигар масъалаҳои мубрам мусоидат хоҳад кард.

«Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ҳамкорӣ бо Алянс баҳри боло бурдани сатҳи дониш, малака ва имкониятҳои зиёд кардани дастрасии молиявӣ дар кишвар тавассути иштирок дар кори гурӯҳҳои кории гуногуни он чораҳои муассир меандешад.

Аз ҷониби Алянси фарогирии молиявӣ ҳамасола ду маротиба дар кишварҳои мухталифи аъзо ҷаласаҳои кории гурӯҳҳои мазкур гузаронида мешаванд. Дар асоси чунин муқаррарот Бонки миллии Тоҷикистон соли 2017 ду ҷаласаи Гурӯҳи корӣ – ҷаласаи понздаҳуми Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи маълумоти оморӣ доир ба дастрасии молиявӣ (Financial Inclusion Data Working Group) ва Гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши таҷриба дар соҳаи стратегияи фарогирии молиявӣ (Financial Inclusion Strategy Peer Learning Group)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намуд.

Мавриди таъкид аст, ки тибқи маълумоти дар доираи Форуми глобалии сиёсати фарогирии молиявӣ дастрасшуда, баргузории ҷаласаи ду гурӯҳи кории AFI - хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFSWG) ва стратегияи фарогирии молиявӣ (FISPLG) соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст.

Ҳадафи калидии Алянси фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI) дар кишварҳои аъзо кӯмак намудан дар амалӣ гардидани сиёсати рушди дастрасии молиявӣ мебошад, ки қисматҳои (компонентҳо) асосии он – ин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани маърифатнокии молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, бонкдории мобилӣ, агентҳои бонкӣ (Banking Agent) ва ғайра мебошанд.

Алянси фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI) аввалин шабакаи иттилоотии ҷаҳонии бонкҳои марказӣ ва дигар ташкилотҳои танзими молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ буда, соли 2008 таъсис ёфтааст. Қароргоҳи Алянси мазкур дар шаҳри Куала-Лумпури Давлати Малайзия воқеъ гардида, зиёда аз 120 ташкилот аз 90 кишвари сайёра ба узвияти ин созмон шомил шудаанд.

М.Ҳасанова

Дар ҳошияи ҷаласаҳои умумии солонаи AFI муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин ба ҳайси роҳбари ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони воситаи ахбори AFI мусоҳиба анҷом дода, вобаста ба дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фарогирии молиявӣ, иқтидори хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва қадамҳои минбаъда дар татбиқи ислоҳот дар низоми молиявӣ баҳри таъмини рушди фарогир ва босуботи бахши молиявӣ ибрози назар кард.

Мусоҳибаи мазкур дар шакли аслӣ ба забони англисӣ манзури хонандагон мегардад.



Interview with Sharifzoda Firuz Homiddin, First Deputy Chairman, National Bank of Tajikistan

Advancing financial inclusion and financial literacy in Tajikistan

Can you provide an overview of Tajikistan's approach to advance financial inclusion?

Our National Strategy for Financial Inclusion for 2022-2026 consists of four key areas:

- delivery channels and digital financial services
- diversity of financial product
- protection of the rights of consumers of financial services
- financial literacy

Additionally, in the process of developing the Strategy, a special integrated area was identified – empowerment of women and youth.

To deliver the Strategy, the National Bank of Tajikistan is working closely with the country's ministries and departments, associations, credit organizations and heads of working groups.

As of June 30, 2024, 36% of the Strategy had been implemented, broken down as follows:

- deliveries and digital financial services – 39%
- diversity of financial products – 23%
- protection of the rights of consumers of financial services – 54%
- financial literacy – 60%

Financial literacy is a key focus for Tajikistan. How are you working in this area?

To give one example, the National Bank of Tajikistan recommended that all credit and financial institutions conduct seminars and trainings on financial literacy in all districts and cities, including remote regions. In 2024 alone, 924 trainings were held, in which 61,588 people took part.

In addition, since 2023, the NBT has organized 11 financial literacy festivals in various regions of Tajikistan, including remote areas.

This year, we significantly expanded our financial literacy promotion program through social networks and media. Educational videos, infographics, and posts aimed at women and youth are regularly published on NBT channels: Facebook, Instagram, and Telegram (@fingramtj).

To deliver the Strategy, the National Bank of Tajikistan is working closely with the country's ministries and departments, associations, credit organizations and heads of working groups.

While we have made good progress overall, we still have work to do in terms of integrating financial education programs into school curricula. The NBT is working with the Ministry of Education and Science of Tajikistan on this, but it will require significant effort and resources.

How are digital technologies changing the landscape for financial inclusion?

Digital channels are more convenient, more efficient, and make financial services more accessible to people living in remote areas or with limited access to traditional bank branches, as well as to vulnerable groups and small businesses.

Today, digital is the most effective way to provide fast, cheap and secure access to financial products. Services such as electronic money transfers, cross-border money transfers, ordering bank cards, opening bank accounts, and paying for goods and services, contribute not only to financial inclusion, but also to overall socio-economic development.

In Tajikistan, credit financial institutions are actively introducing remote banking services, such as bank payment cards, electronic wallets, mobile banking, Internet banking, accepting payments via POS terminals and QR codes.

It is worth noting that in January-June 2024, 25% of transactions for payment of goods and services were digital, a jump of more than 8 percentage points in a year.



Бонки миллӣ: дастовардҳо ва нақшаҳо

Натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон баррасӣ шуданд. Ин нишасти матбуотӣ рӯзи 7–уми августи соли 2024 зери роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо иштироки хабарнигорони воситаҳои ахбори омма доир шуд.

Зимни нишасти матбуотӣ муҳимтарин масъалаҳои низоми бонкии кишвар, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, дастовардҳои низоми бонкӣ ва нақшаю барномаҳои стратегӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс зикр намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бар асоси қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳо аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат фаъолият намуда, барои расидан ба аҳдофи худ саъю талош варзидааст.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ Бонки миллӣ сиёсати қурбиро дар реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” пеш бурдааст. Дар давраи ҳисоботӣ қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ба андозаи 2,7 фоиз устувор гардидааст, дар ҳамин давраи соли гузашта ин нишондиҳанда 7,0 фоиз коҳиш ёфтааст. Устувор шудани қурби расмии сомонӣ дар ҳолест, ки дар ин давра қурби расмии пули миллии аксари кишварҳои шарики асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли Туркия (11,7 фоиз), Қазоқистон (3,7 фоиз), Ӯзбекистон (1,8 фоиз) ва Чин (0,6 фоиз) нисбат ба доллари ИМА паст шудаанд.

Бино ба гуфтаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ таваррум ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок нигоҳ дошта шудааст. Сатҳи таваррум дар ин давра





1,9 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,4 банди фоизӣ камтар аст. Ин сатҳи таваррум асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,3 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 1,6 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 4,0 фоиз ба вуҷуд омадааст.

Зимни нишасти матбуотӣ зикр гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ низоми бонкии кишвар фаъолияти босубот дошта, меъёри пардохтпазирии низоми бонкӣ дар ин давра 80,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда 50,6 банди фоизӣ зиёд шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024 бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, арзёбии коҳиш ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин аз доираи ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум меъёри бозтамвилро тадричан 0,75 банди фоизӣ паст намуда, дар сатҳи 9,25 фоизи солона муқаррар кардааст.

Дар нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ахбори омма аз роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ба саволҳо роҷеъ ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, пешниҳоди навъҳои гуногуни хизматрасониҳои пардохтӣ, вазъи бозори асъор, рушди бозори коғазҳои қиматнок, омилҳои беқурбшавии асъори хориҷӣ, фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, захираҳои байналмилалӣ, қарзҳои ипотекӣ ва рушди маблағгузории сабз ва масъалаҳои дигари марбут ба низоми бонкӣ посух дарёфт карданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба хабарнигорон шарҳ дод, ки барои осонӣ ва беҳтар шудани хизматрасониҳои пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳоло инфрасохтори зарурирро барои васеъ гардонидани пардохтҳои ғайринақдӣ фароҳам овардаанд. Шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ дар ин давра ба 10,4 млн. адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 39,0 фоиз бештар аст.

Бино ба иттилои Бонки миллии Тоҷикистон дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар дар давраи ҳисоботӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ - кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ ба маблағи 12,8 млрд. сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки ин 8,4 банди фоизӣ



нисбат ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар посух ба суоли хабарнигорон дар мавриди насби банкоматҳо ва бо пули нақд таъмин намудани дорандагони кортҳои пардохтӣ иттилоъ дод, ки бо ин мақсад аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ насби банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ мувофиқан ба андозаи 36,3 фоиз ва 28,6 фоиз афзудааст. Дар маҷмуъ ҳоло дар кишвар, 2654 банкомат ва 3597 терминали электронӣ дар хазинаҳои воҳидҳои сохтории бонкҳо гузошта шудаанд.

Дар нишасти матбуотӣ хабарнигорон роҷеъ ба ҳиссаи муомилоти байни давлатӣ бо асъори хориҷӣ савол доданд. Дар посух зикр шуд, ки дар шаш моҳи соли 2024 муомилот байни Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ бо долари ИМА поин ва бо рубли русӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи пардохтҳо дар охири моҳи июни соли 2024 бо рубли русӣ 60% ва бо доллари ИМА 36% -ро ташкил додаанд.

Ҳамчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ширкати байналмилалии рейтингии “Standart&Poor’s” баҳогузорӣ шуда, дар сатҳи “B-/B” бо дурнамои устувор муқаррар карда шуд.

Инчунин иттилоъ дода шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ Шурои мудирони Хазинаи Байналмилалии Асъор Барномаи “Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат”-ро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст. Барномаи мазкур дар давоми 22 моҳ ба нигаҳдории устувори макроиқтисодӣ, таҳкими асосҳои сиёсии мақомоти кишвар ва дастгирии талошҳои онҳо дар самти таъмини рушди нисбатан устувору фарогир мусоидат мекунад.

Дар анҷоми нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба намояндагони воситаҳои ахбори омма барои ҳамкории судманд ва инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ арзи сипос намуда, изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар оянда низ барои амалӣ намудани сиёсати босамари пулӣ, тақвият бахшидани танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ саъю талош хоҳад кард.

А.Мӯминов

НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

БОБОҶОНЗОДА ИСРОФИЛ ҲУСЕЙН
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

ҚОДИРЗОДА ТОҲИР ҚАМАР
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад.

Ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин ба равонии шахс, ҳамчун шахсе, ки дараҷаи эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт дорад, диққат додан муҳим аст. Аксар вақт бояд эътироф кард, ки шахс омода аст ба қоидаҳои муайяни ҳаёт (аз ҷумла, меъёрҳои қонунгузорӣ) мутобиқ шавад, агар барои рушди он шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Дар ин ҷода бояд низоми баҳисобгирии манфиатҳои давлат ва ҷомеа ба назар гирифта шавад. Ноил шудан ба тавозун дар ин кор имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқӣ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон шарҳ дода шавад. Дар айни замон, фарқ кардани мафҳумҳои “шароит” ва “ҳавасмандгардонӣ” хеле муҳим аст, зеро дар ҷомеа ҳамеша фаҳмиши бисёрҷонибаи калимаҳо мавҷуд аст. Ҳавасмандкунӣ бояд имтиёзҳо, беҳбудиҳо дар вазъи моддӣ ё дигар ҳолат, даъвати ҷомеа барои мусоидат ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бошад. Шароит бояд дар асоси имкониятҳои давлат барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон ташаккул ёбад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳанд, ки шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз даврони хурдӣ мунтазам баланд бардошта шавад.

Ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳар як кишвар ба таври гуногун сурат мегирад. Ва аксар вақт ба ин раванд хусусиятҳои таърихии рушди давлат таъсир мерасонанд. Аммо шубҳае нест, ки ҳар як ҷомеа мехоҳад бехатар зиндагӣ кунад ва маҳз барои ҳамин идеали рафтори ҳуқуқии худро ба вуҷуд меорад, ки мундариҷаи дохилии он ба арзишҳои муайяни ҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Аз ин рӯ, муваффақияти масъалаҳои зикргардида бештар аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии мардум вобаста аст. Фаъолияти сиёсии шахс, мавқеи воқеии шаҳрвандии он, ҳассосият ба дигаргуниҳои демократӣ, омилҳои муҳимтарини ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда мебошанд.

Дар зеҳни одамон бояд эътиқод пайдо шавад, ки танҳо шахсе, ки дониши ҳуқуқӣ дорад ва дар амал татбиқ кардани онҳоро медонад, фарҳангӣ ва маълумотнок ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, вазъи кунунии рушди ҷомеа ва давлат баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шахс, саводнокии ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро тақозо мекунад. Ҳамаи ин чорабиниҳо ҳадафи ташкили низоми фарогир ва доимоамалкунандаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро доранд, то ки ҳамаи қишрҳои аҳолӣ саводнокии ҳуқуқиро аз худ намуда, ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ расанд ва дониши ҳуқуқиро дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ кунанд.

Дар асоси зарурати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули пояҳои давлати ҳуқуқбунёд, якчанд ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа қабул карда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани

маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 “Дар бораи баъзе чорабиниҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 “Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 “Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028” ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 тасдиқ карда шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Чуноне Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд: “Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст”.

Дар ҳуҷҷатҳои зикргардида қайд карда мешавад, ки сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар ин ҳуҷҷатҳо махсусан қайд карда шудааст, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Дар Барномаҳои қабулгардида бошад ба хусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ, гендерӣ ва паҳлуҳои дигари рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва натиҷаҳое, ки рушди устувори давлатро таъмин менамояд, аҳаммияти махсус дода шудааст.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба якчанд принсип такя мекунад, аз ҷумла афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; демократия, адолати иҷтимоӣ, илм, муттасилӣ, муттасилӣ ва универсалии тарбияи ҳуқуқӣ, мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ, ягонагӣ ва муносибати дифференсиалӣ ба таълим ва маърифати ҳуқуқӣ.

Умуман, фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ҳамчун шуури ҳуқуқии хуб инкишофёфтаи шахс асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти воқеиятҳои муосири сиёсиву ҳуқуқӣ, таъмин намудани барномаи мақсадноки тадбирҳо ҷиҳати ба таври куллӣ беҳтар намудани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дар кишвар, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад. Инчунин бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавӣ ва нав байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд.

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ бевосита аз сатҳи таҳсилоти ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз нуқтаи назари олимони ҳуқуқшинос, робитаи мустақими таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ бо баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Таъ-

лими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ ба таври табиӣ алоқаманданд. Тавре ки олимони ҳуқуқшинос дуруст қайд мекунанд, тарбияи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат, мақомоти он ва хизматчиёни онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ оид ба ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад.

Ҳангоми баррасии масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносон-омӯзгорон боварӣ доранд, ки маҷмуи донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқӣ воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва омода кардани шахс ба муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, фаъолият оид ба таълими ҳуқуқӣ раванди ҳуқуқии педагогӣ аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дастовардҳои Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар панҷ соли сипаригардида таҳлил карда, дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дигар самтҳои иҷтимоию амнияти давлатро барои солҳои минбаъда муайян намуданд.

Овардани ин таҳлилҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар Паём шаҳодати он аст, ки маҳз сулҳу субот ва оромии кишвар, амалӣ гардонидани барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар мамлакат, аз ҷумла, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сатҳу сифати адолати судӣ, самаранокии татбиқи меъёрҳои қонун ва иҷрои санадҳои судӣ аз ҳамин нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад.

Тавре Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми навбатӣ таъкид доштанд, маҳз “амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ “Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.”.

Ба андешаи мо ҷиҳати ба иҷро расонидани ин рисолатҳои бузурги Паём, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва шуурнокии ҳуқуқии судяҳо тақозои замон мебошад.

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон буда, ба воситаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ карда мешавад. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат менамояд ва шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз ҳуқуқҳои қонунии худ истифода баранд.

Маърифати ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Ҷиҳати таъмини босифати баамалбарории адолати судӣ, таҳкими таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояи принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, роҳ надодан ба кашолкорӣ, зарурати дар қонунҳои амалкунанда аз байн бурдани меъёрҳои носаҳеҳ ва духӯра, дар ҳамин раванд бартараф кардани тарзу усулҳои душвори баррасии парвандаҳо ва дигар масоил зарурати ба қонунҳои моддию мурофиавӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён омадааст, ки то тавонанд барои саривақт ва дар муддати кӯтоҳ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ, пешгирии сарфи вақти зиёд аз ҷониби тарафҳо, истифодаи таҷрибаи татбиқи дурусти қонунҳо, дар маҷмуъ таъмини адолат ва пешрафти кори судҳо мусоидат намоянд.

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ метавонад барои қабули қарорҳои қонунию асоснок мусоидат намояд.

Бо дарназардошти ба низоми сезинагии таҳсилот гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд масъалаи бознигарӣ кардани талабот нисбати номзадҳо ба вазифаи судягӣ мав-

риди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки аз соли 2007 то соли 2021 амалӣ гардиданд, барои устувор шудани муносибатҳои гуногун дар ин самт нақши калидӣ бозида, қонунгузории Тоҷикистон такмил дода шуда, барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини волоияти қонун ва адолати судӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Имрӯз сатҳи таъминоти моддию техникии судҳо, омода намудани кадрҳои баландихтисос, саривақт баррасӣ ва ҳал шудани парвандаҳои судӣ, қабули санадҳои қонунию асоснок ба талаботи ҷомеа ва замона як дараҷа ҷавобгӯ шудаанд.

Аммо ба ҳамаи ин дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳам масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки онҳо ҳалли умумро талаб менамоянд. Ин пеш аз ҳама омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бозомӯзии судяҳо, ки заминаи асосӣ ва кафолати самаранокии баамалбарории адолати судӣ ва маърифати ҳуқуқӣ мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки тарбияи кадрҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ имрӯз набояд танҳо аз рӯйи принсипи талаботи субъектони ҳуқуқ амалӣ шавад, балки ба урфу одатҳо ва арзишҳои баланди миллӣ асос ёфта бошанд. Дар амалияи маърифати ҳуқуқии муосир зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқӣ ва татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ва эҳтиёҷоти ягонагӣ ва ҳамкории зичро ба вуҷуд оранд ва ҳавасманд кунанд. Ҳамзамон, ба назари мо, тавсия дода мешавад, ки тамоми кӯшишҳои тарбиявиро ба ташаккули чунин рафторҳое равона созем, ки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеоянд.

Инчунин барои мо хеле муҳим аст, ки фаҳмиши ҳуқуқро дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва ҳама, механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа бояд ба фаъолияти беҳтарини он манфиатдор бошад, ҷорӣ намоем.

Тарбияи ҳисси фаъолияти шаҳрвандӣ дар шаҳрвандон бояд мақсаднок ва амалӣ бошад. Тамоми низоми таълими ҳуқуқӣ бояд ба табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқ карда шавад, яъне категорияи объекти тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби сохтори муосири иҷтимоии ҷомеа муайян карда шавад, ки комилан ҳамаи категорияҳои аҳолиро дар бар мегирад – аз кӯдакони томактабӣ то нафақахӯрон.

Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳои самаранокӣ метавонанд дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳо, вақти ба даст овардани натиҷаи муайян, ҳаҷми хароҷоти ташкилӣ ва моддӣ, қобилияти шаҳрвандон барои истифодаи донишҳои бадастомада ва ғайра бошанд.

Меъёрҳои умумии самаранокии маърифати ҳуқуқӣ тағйироти мусбӣ дар сохтори маърифати ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо сатҳи дониши ҳуқуқӣ, сатҳи эътиқоди ҳуқуқӣ, сатҳи фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳангоми гузаштан ба ҷанбаҳои амалӣ, бояд қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба тарбияи рафтори қонунии фаъоли шахс ва эҳтиром ба қонун равона карда шавад. Аз ин рӯ, дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҷорӣ намудани фаҳмиши махсуси ҳуқуқ ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва ҳама, механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа ба фаъолияти оптималии он манфиатдор аст, хеле муҳим аст.

Мо зарур мешуморем, ки чораҳои зеринро, ки ба рушди маърифати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд, баррасӣ намоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври анъанавӣ ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба қонун эътибори зиёд дода мешавад. Далели ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудаанд ва як қатор санадҳои дигар мебошад.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли вазифаҳои муҳим дар соҳаи таҳкими давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва такмил додани шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои маърифати ҳуқуқиро коркард ва пешниҳод намоем.



Маърифати ҳуқуқӣ – омили муҳимми муқовимат ба коррупсия

30 августи соли 2024 бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисгоҳи КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" бахшида ба эълон гардидани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони низоми бонкӣ ва суғуртаи кишвар конференсияи ҷумҳуриявӣ бо унвони "Маърифати ҳуқуқии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ – омили муҳимми муқовимат ба коррупсия" доир гашт. Дар кори конфронс дар баробари роҳбарияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, беш аз 400 намояндагони низоми бонкӣ ва низоми суғуртаи кишвар ширкат карданд.

Зимни ифтитоҳ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад ба намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ доир ба таъмини иҷрои стратегияҳои муқовимат ба коррупсия маълумот дода, қайд кард, ки воқеан ҳам дар Соли маърифати ҳуқуқӣ баргузор намудани ин чорабинӣ хеле рамзӣ ва бамаврид буда, яқинан барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии кормандони низоми бонкӣ ва низоми суғурта мусоидат хоҳад кард ва барои тақвият додани кор дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба зуҳуроти коррупсионӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Дар даврони Истиқлол бо ҳадафи муқовимат ба коррупсия бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои стратегияҳои мазкур ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии онҳо

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

«Имрӯз зарур аст, ки барои паст кардани сатҳи коррупсия ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар канор набошад ва барои мубориза бар зидди ин кирдори нангин бо сохторҳои давлатӣ бештар ҳамкорӣ намояд.»





нақшаҳои корӣ дохилидоравиро мунтазам таҳия ва тасдиқ карда, дар доираи онҳо як қатор чорабиниҳоро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, дар асоси Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он дар марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Барнома оид ба муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 тасдиқ карда шуда, ҳамасола Нақшаи чорабиниҳои БМТ оид ба муқовимат ба коррупсия таҳия мегардад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба Барномаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 маълумот дода, изҳор дошт, ки он қабл аз ҳама ба иҷрои мақсадҳои пешбинишуда дар самти мубориза бо коррупсия ва омилҳои ба он мусоидаткунанда, пешгирии ба вуқуъ омадани ҳолатҳои коррупсионӣ, муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиркунии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда, таҳлили шаклҳои зоҳиршавии вайронкунии интизоми корӣ, ахлоқу одоби касбӣ, андешидани чораҳои таҳкими интизоми меҳнатӣ ва пурзӯр намудани назорат дар самти муқовимат ба коррупсия дар воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон равона шудааст.



Дар доираи ин Стратегия аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти таҳдид ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, автоматикунонии қабули ҳисобот аз субъектҳои хоҷагидорӣ, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рақамикунонӣ, автоматикунонии механизми пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, баланд бардоштани масъулияти кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ зимни додани қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина такмил





додани санадҳои меъёрии қарзӣ, ба нашр расонидани натиҷаи аудити ҳарсолаи ҳисоботи молиявӣ, тарғибу ташвиқ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, ташкил ва баргузор намудани вохӯрии кормандони БМТ бо мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҷиҳати пешгирии амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои зарурӣ анҷом дода мешаванд.

Дар идомаи ҷаласа, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолзода Фируз Анваралӣ дар бораи фаъолияти Агентӣ, таҳлили санҷишҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми бонкӣ маърузаи мухтасар пешниҳод намуд. Мавсуф изҳор дошт, ки яке аз омилҳои асосии пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ташаккули шууру фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони соҳа мебошад, ки ба риоя ва дақиқ иҷро шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи фаъолияти соҳа мусоидат менамояд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки ҳамоиши мазкур дар баробари мусоидат ба муқовимати дастаҷамъона ба ин зуҳуроти номатлуб, ҳамзамон ба баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти масъулин, маърифати ҳуқуқӣ ва амалисозии дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат дар ин самт самараи хуб хоҳад дод.

Зимни ҷаласа ҳамзамон раиси КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Салимзода Алиҷон, директори департаменти аудити дохилӣ Боронов Алим, муовини сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Бобоев Бобурхон ва масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи кишвар дар мавзуъҳои “Чораҳои пешгирии коррупсия дар низоми бонкӣ”, “Усулҳои пешгирии коррупсия дар низоми бонкӣ”, “Заминаҳои пайдоиш, омилҳо ва вазъи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи бонкӣ”, “Таҷрибаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар татбиқи барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ”, “Экспертизаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омили баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони соҳаи бонк” ва “Фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши БМТ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ-зиддикоррупсионии низоми суғурта” рунамоиҳои худро манзури ҳозирин гардониданд.

Дар қисмати ҷамъбастии чорабинӣ ташкилкунандагони конференсия бо истинод ба суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Яке аз хатарҳое, ки метавонад ба раванди рушди устувори давлат монеа гардад ва ба эътибору обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад, коррупсия мебошад. Имрӯз зарур аст, ки барои паст кардани сатҳи коррупсия ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар канор набошад ва барои мубориза бар зидди ин кирдори нангин бо сохторҳои давлатӣ бештар ҳамкорӣ намояд” аз иштирокдорон даъват ба амал оварданд, ки ҷиҳати пешгирии амалҳои коррупсионӣ ҳамчун шаҳрванд фаъолнокӣ нишон дода, дониш ва неруи худро ба ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ равона созанд. Зеро пешгирию бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ, муқовимат ба ин зуҳуроти нангин вазифаи танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набуда, кори дастаҷамъӣ мебошад.

“БТҶ”

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

«»

...то расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва харочоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем.



Дар Бонки миллии Тоҷикистон қонунҳои навро шарҳ доданд

17 июли соли 2024 доир ба шарҳу тавзеҳи босамари қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” дар Бонки миллии Тоҷикистон зери роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ҷамъомад баргузор гардид.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ чорабиниро ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки “ҳамаи мо шоҳид будем, ки солҳои пеш сермасраф гузаронидани ҷашну маъракаҳо барои мардум душворӣ пеш меовард. Табиист, ки риоя ва эҳтироми ҷашну маросимҳои ниёгон зарур аст, вале он бояд мутобиқи талаби замон сурат гирад, то пеши роҳи исрофкорӣ, намоишкорӣ ва зоҳирпарастии беасос гирифта шавад. Аз ин рӯ, риояи талаботи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз ҳар яки мо масъулияти зиёдро талаб мекунад. Агар мо пойбанди таассубу хурофот нашуда, муқаррароти қонунро риоя кунем, он ба манфиати иқтисоди кишвар ва ҷомеа хоҳад буд”.

Дар ҷамъомад муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ҳадаф аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”-ро таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки қабули қонуни мазкур ҳар кадоми моро вазифадор менамояд, ки дар таълиму тарбияи кӯдак, бахусус дар шароити пуртазоди муосир, масъулияти бештарро

эҳсос намоем. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” муносибатҳои марбут ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунад.

Абдураҳмон Сангов ва узви комиссияи ҷамъиятии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим Мақсуд Сафарзода вобаста ба тағйиру иловаҳои таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” суханронӣ намуданд.

Ҷамъомадро муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ бо суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотима бахшида, таъкид намуд, ки **“…то расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем”**. Бинобар ин, аз ҳар як корманди Бонки миллии Тоҷикистон тақозо мегардад, ки дар риояи талаботи қонунҳои мазкур масъул бошанд.






Иштирокдорони ҷамъомад дар бораи тағйиру иловаҳои асосӣ, бандҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонун ва нишондиҳандаҳои омории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин уҳдадориҳои падару модар, муассисаҳои таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” маълумоти муфассал гирифтанд.

Дар ҷамъомад сармутахассиси идораи ҳуқуқ

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавсеа меёбанд



Аз замони содир шудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" беш аз як сол сипарӣ шуд. Дар ин муддат, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори соҳа фармони мазкурро иҷро намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил шуд.

Бар асоси фармони мазкур, сар аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ шуда истоданд. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ пурра манъ карда шудааст. Бонки миллии Тоҷикистон риояи талаботи мазкурро тафтиши назорати қатъии худ қарор додааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он бо мақсади иҷрои самараноки фармони мазкур барои гузарондани мониторинг ва чорабиниҳои назоратӣ гурӯҳҳои корӣ таъсис доданд. Гурӯҳҳои корӣ аз моҳи августи соли 2023 то инҷониб мунтазам ба идораю муассисаҳои давлатӣ ва воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташриф оварда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти қабули пардохтҳои хизматрасонии муздноки давлатӣ чорабинӣ карда истодаанд.

Гурӯҳҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми моҳҳои январ-июли соли 2024 ба марказҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташриф оварда, ҷиҳати иҷрои босифати фармони мазкур корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд ва баҳри бартараф намудани камбудиҳо кумаки амалӣ расониданд.

Ҳамин гуна, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади иҷрои самараноки фармони мазкур ҳамгироии низомҳои иттилоотию биллингии мақомоти давлатиро бо низомҳои пардохтии

худ роҳандозӣ намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки маблағи хизматрасонии музднoки давлатӣ ба таври ғайринақдӣ қабул карда шавад.

Бино ба маълумоти оморӣ то санаи 31 июли соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 7,7 млн. ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29 фоиз зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки тадбирҳои андешидашуда натиҷаи хуб доданд ва ҳоло аҳолии кишвар имкон доранд бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасонии интернет-эквайринг ва воситаҳои дигари пардохти ғайринақдӣ, ки аз ҷониби низоми бонкӣ таъмин карда шудаанд, маблағи аксари хизматрасониҳои давлатиро пардохт намоянд.

Бино ба маълумоти оморӣ то санаи 31 июли соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 7,7 млн. ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29 фоиз зиёд мебошад. Бо мақсади таъмини аҳолии кишвар бо кортҳои пардохтии бонкӣ, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз 1 августи соли 2023 то инҷониб зиёда аз 1,6 млн. кортҳои пардохтӣ ба таври ройгон тақсим карда шуданд. Дар солҳои охир истифодаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар босуръат меафзояд. Шумораи умумии онҳо то санаи ҳисоботӣ ба 10,7 млн. адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39 фоиз зиёд мебошад. То санаи 31 июли соли 2024 дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла муассисаю ташкилотҳои давлатӣ дар маҷмуъ 11359 POS-терминал насб гардидаанд, ки аз онҳо 5415 POS-терминал маҳз барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд.

Истифодаи QR-рамзи ягона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 1 августи соли 2023 ҷорӣ гардид. Мақсад аз он тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ, зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон аст. QR-рамзи ягона имкон фароҳам овард, ки муштариён дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронии дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ пардохти молу хизматрасонӣ, инчунин дар вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои давлатӣ пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатиро ба таври ғайринақдӣ бемамониат анҷом диҳанд. То санаи ҳисоботӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 17066 QR-рамзи ягонаи бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқашуда

АФЗОИШИ ШУМОРАИ КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ БОНКӢ



насб гардидаанд, ки 2777 адади онҳо махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии музднoки давлатӣ пешбинӣ шудаанд.

Барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва агентҳои бонкии пардохтии онҳо дар маҷмуъ 10,3 ҳазор терминали худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шудаанд.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмини ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдӣ байни вазорату идораҳои давлатӣ аз ҷониби КВД “Шаҳри ҳушманд” дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ низоми “Пардохти ҳушманд” (Smartpay) дар 59 мақомоту муассисаи давлатӣ васл гардид. Тавассути низоми мазкур имконияти қабули пардохти хизматрасонии давлатӣ ба таври ғайринақдӣ таъмин карда шуда, шумораи онҳо афзоиш ёфта истодааст.

Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 74,9 фоиз ба 25,1 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 8,2 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Дар моҳҳои январ-июли соли 2024 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 49,8 млн. амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 15,7 млрд. сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 аз рӯи шумора 90,7 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 2,4 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 74,9 фоиз ба 25,1 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 8,2 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Бояд гуфт, ки бо мақсади боз ҳам сода, босуръат ва бехатар анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби бонкҳои ватанӣ дар ҳамкорӣ бо Низоми пардохтии байналмилалии Visa аз 25 июни соли 2024 хизматрасонии Google Pay дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардид. Низоми Google Pay дар кишварҳои дорои низомҳои пешрафтаи пардохтҳои ғайринақдӣ бомуваффақият фаъолият мекунад ва Тоҷикистон 74-умин кишваре шуд, ки ин намуди хизматрасонӣ дар он дастрас гардид. Ин хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон

ДИНАМИКАИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ПАРДОХТӢ (АДАД)



дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ тавассути смартфонҳое, ки дар низоми амалиётии Android кор мекунанд ва дорои модули NFC мебошанд, пардохтҳоро ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд. Дар ояндаи наздик ташкилотҳои қарзии молиявии дигаре, ки ба низомҳои пардохтии байналмилалӣ - Visa ва Mastercard пайваст мебошанд, имконияти тавассути низоми Google Pay анҷом додани пардохтҳои ғайринақдиро ба муштариёни худ фароҳам меоранд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҷорӣ намудани меъёри ягонаи ҳаққи хизматрасониҳои бонкӣ барои анҷом додани амалиётҳои ғайринақдии хизматрасониҳои муздноки давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро “Дар бораи ҷорӣ намудани меъёри ягонаи ҳаққи хизматрасониҳои бонкӣ барои анҷом додани амалиётҳои ғайринақдии хизматрасониҳои муздноки давлатӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ” бо асосноккунии дахлдор таҳия намуда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Айни замон, лоиҳаи қарори мазкур дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ таҳти назорати доимӣ қарор дошта, ҳама амалиётҳои пардохтӣ тавассути хатҳои рамзшудаи алоқа, ки дорои сертификати бехатарии байналмилалӣ мебошанд, амалӣ мегарданд. Мақсад аз он таъмини амнияти иттилоотии амалиётҳои ғайринақдӣ мебошад. Инчунин, пардохтҳои электронӣ ва замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати пешгирӣ аз таҳдидҳои беруна мунтазам тафтиш карда мешаванд ва тибқи қоидаҳои маъмули фаъолияти низомҳои пардохтӣ амал менамоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин бо мақсади мунтазам амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ нақшаи чорабиниҳои худро таҳия намуда, тибқи он бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва телевизиони “Тоҷикистон” ҳамкорӣ намуда, оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ якчанд барномаҳои таҳлилиро омода намуда, манзури тамошобинон гардонид. Дар маҷмуъ, вобаста ба моҳият ва афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ, тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ, истифодаи густурдаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ҳудуди 30 барномаву гузоришҳои телевизионию радиоӣ ва наворҳои таблиғотӣ таҳия ва нашр карда шуданд. Қисме аз онҳо дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram ҷой дода шуданд, ки пайваста бознашр

ИНФРАСОХТОРИ ПАРДОХТӢ БАРОИ ҚАБУЛ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ КОРТҲОИ ПАРДОХТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



мешаванд.

Инчунин барои тақвият бахшидани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҷадвали иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявиро дар таҳияи силсилабарномаи МД “Телевизиони Душанбе” вобаста ба рафти иҷрои фармони мазкур таҳия намуд. Тибқи ҷадвали мазкур ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд, ки то охири соли 2024 ду маротиба дар як моҳ дар ҳамкорӣ бо МД “Телевизиони Душанбе” оид ба рафти иҷрои фармони мазкур барномаҳои таҳлилӣ омода намоянд ва нашр кунанд.

Ҳамзамон, дар чанде аз шаҳру ноҳияҳои кишвар - Данғара, Мастчоҳ, Шуғнон, Истаравшан ва Рашт “Фестивали саводнокии молиявӣ” бо иштироки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ баргузор карда шуд. Дар маҷмуъ, дар чорабиниҳои зикршуда зиёда аз 8400 нафар толибилмон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олии мамлакат, кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва намояндагони ташкилотҳои хориҷӣ ширкат намуданд. Дар ин чорабиниҳо як қатор мутахассисони соҳаи бонкӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои муҳимми низоми бонкӣ бо рӯнамо баромад намуданд. Бояд қайд кард, ки наворҳо аз рафти чорабиниҳои мазкур дар саҳифаи “Саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон” дар Facebook нашр карда шудаанд. Дар баробари ин, гузоришҳои матниву видеоӣ дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизиони “Тоҷикистон” ва телевизиону радиоҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ нашр карда шуданд. Ин тадбирҳо барои расидан ба ҳадафҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва осону шаффоф гардидани амалиётҳои бонкӣ муҳим мебошанд.

Иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” минбаъд низ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар меҳвари фаъолият қарор мегирад ва барои иҷрои он тамоми чорабиниҳои зарурӣ роҳандозӣ карда хоҳанд шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳамаи ин тадбирҳо иктифо накарда, бо мақсади рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёти кишвар созмон додани платформа (шлюз)-и пардохтиро дар доираи лоиҳаи “Асосҳои рақамии Тоҷикистон”-и Бонки Ҷаҳонӣ муҳим мешуморад. Бояд гуфт, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ дар тарҳи ниҳоии лоиҳаи мазкур созмон додани платформаи пардохтӣ ба инобат гирифта шудааст. Дар ин замина, мувофиқи Ёддоштномаи Бонки Ҷаҳонӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаи “Асосҳои рақамии Тоҷикистон” мушовири байналмилалӣ ҷалб гардида, дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон корҳои омӯзишӣ ва таҳлилӣ анҷом дода шуда истодаанд.

Дар баробари ин, бинобар таъсис ва ба фаъолият шуруъ намудани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вогузор кардани ваколату вазифаҳои созмон додани Портали хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳукумати электронӣ, инчунин дар ихтиёри агентии мазкур мавҷуд будани таъминоти барномавӣ вобаста ба созмон додани Шлюзи пардохтӣ имкон дорад ин платформа дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ дар Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ карда шавад.

Иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” минбаъд низ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар меҳвари фаъолият қарор мегирад ва барои иҷрои он тамоми чорабиниҳои зарурӣ роҳандозӣ карда хоҳанд шуд.

Департаменти низоми пардохт



Баррасии вазъи бозори суғурта

Ҷамъбасти фаъолияти бозори суғурта дар нимсолаи якуми соли 2024

Масъалаҳои рушди бозори суғурта, мушкилот ва дастовардҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар, нишондиҳандаҳои бозори суғурта, роҳҳои боз ҳам беҳтар намудани бозори суғурта ва ислоҳоти низоми суғурта рӯзи 23 июли соли ҷорӣ дар ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти бозори суғурта дар нимсолаи якуми соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ин ҷаласа, ки бо роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода баргузор гардид, ҳамчунин муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, сардорони воҳидҳои сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ҷаласа оид ба фаъолияти бозори суғурта суханронӣ намуда, зикр кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми суғурта, фаъолияти худро ба роҳ монда, ислоҳоти соҳаро роҳандозӣ менамояд.

Дар ҷаласа таъкид шуд, ки бозори суғурта ҳамчун як қисми низоми молиявӣ барои паст намудани сатҳи зарарҳои ҳаёту саломатӣ ва молиявии ҷомеа ва давлат нақши муҳим дорад ва он

ба сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд. Бинобар ин фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ барои ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва ҳаёту саломатии ҷомеа бояд

аз 01 марти соли 2024 ворид гардиданд, ки дар асоси он таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ба нақша гирифта шудааст. Ҳамин гуна, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди

2024-2027”-ро таҳия кардааст, ки он ба рушди соҳа дар давраи миёнамуҳлат равона шуда, дар марҳилаи баррасии ниҳоӣ ва қабул қарор дорад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ҷаласа қайд



равона карда шавад.

Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимгари соҳаи суғурта тамоми имкониятҳоро барои ислоҳот ва солим гардонидани соҳаи суғурта равона карда, ба қонунҳои соҳавӣ тағйироти дахлдор ворид намуда истодааст. Аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” тағйиру иловаҳои дахлдор

ҳисоботдиҳии ташкилотҳои суғуртавӣ лоиҳаҳои нави тавозуни муҳосибӣ, феҳрасти ҳисобҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, тавсифи ҳисобҳои онро таҳия намудааст, ки дар ҳоли ҳозир дар раванди баррасӣ ва қабул қарор доранд.

Дар баробари ин Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд лоиҳаи “Стратегияи рушди бозори суғурта барои солҳои

намуд, ки ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки фаъолияти худро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монда, дар масъалаҳои таъмини пардохтпазирӣ, устувории молиявӣ, сифати хизматрасонӣ, саҳмгузорӣ ба иқтисоди сабз, ҷорӣ намудани маҳсулотҳои муосири суғуртавӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон ва вусъат додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ

дар байни аҳолӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд. Ҳамчунин ташкилотҳои суғуртавӣ бояд бо истифодаи технологияи муосир, насби барномаҳои худкор, суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, рақобатнокии маҳсулотҳои суғуртавӣ, шаффоф намудани амалиётҳо ва зиёдшавии пардохтҳои ғайринақдӣ бояд дар рушди соҳа саҳмгузор бошанд.



Дар ҷаласа муовини сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Бобурхон Бобоев натиҷаҳои фаъолияти низоми суғуртаи кишвар барои нимсолаи якуми соли 2024-ро ба ҳозирин муаррифӣ кард. Зимни баромади худ ӯ дар бораи вазъи бозори суғурта дар кишвар, нишондиҳандаҳои асосии соҳа, риояи қонунгузорӣ ва меъёрҳои қабулнамудаи мақоми назорати суғурта ва дурнамои рушди низоми суғурта барои давраи миёнамуҳлат суханронӣ намуд.

Бино ба маълумоти оморӣ нишондиҳандаҳои низоми суғурта дар нимсолаи якуми соли 2024 раванди афзоишёбӣ дошт, аз ҷумла дороиҳои низом дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 қариб 5,0 фоиз, сармояи оинномавӣ 15,5 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 6,0 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 2,2 фоиз, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 31,0 фоиз, сармоягузориҳо 22,2 фоиз, пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 61,3 фоиз ва андозҳои пардохташуда 31,7 фоиз зиёд гардиданд. Зикр шуд, ки ин раванд, то андозае аз риоя шудани принсипҳои асосии суғурта ва талаботи қонунгузории соҳа дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад ва ҳамзамон ба баланд шудани эътимоду боварии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Инчунин дар ҷаласа сардорони ташкилотҳои суғуртавӣ дар бораи нақшаҳои ташкилотҳои худ дар нимсолаи оянда маълумот пешниҳод намуданд ва барои беҳтар намудани фаъолият ва рафъи камбудиҳо аз роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дастур гирифтанд.

Дар ҷаласа қайд шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон омодааст, барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта барои мутобиқ гардонидани фаъолияти субъектҳои суғуртавӣ ба талаботи қонунгузорӣ дар доираи ваколатҳои худ мусоидат намояд ва тавассути мониторинги доимии фаъолияти низоми суғурта ислоҳоти сохторию солимгардониро дар соли 2024 идома диҳад.

А. Мӯминов



Кормандони бахши суғурта таҳияи дурнамои суғуртаро омӯхтанд

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд барои намояндагони идораи назорати суғуртавии БМТ ва ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар мавзуи “Таҳияи стратегия” вебинари омӯзишӣ баргузор намуд. Ин вебинар дар доираи лоиҳаи “Кӯмаки техникӣ дар таҳияи стратегияи рушди соҳаи суғурта ва оптимизатсияи назорати он” доир шуд.

Дар вебинар беш аз 40 нафар намояндагони ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки ба суғуртаи ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк машғуланд, инчунин намояндагони мақомоти назоратии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Зимни машғулияти маҷозӣ иштирокдорон вобаста ба саволҳои мавзуъ, аз ҷумла чӣ будани стратегия, зарурати он барои муассиса ва роҳбарони он, алоқамандии идоракунии стратегӣ бо идоракунии корпоративӣ, муҳиммияти таҳияи нақша, стратегия бояд чиро дар бар гирад, сифати стратегияи ширкат, раванди таҳияи он ва масъалаҳо баъди қабули стратегия маълумоти зарурӣ дастрас намуданд.



Омӯзиши методҳои ҳисобҳои актуарӣ барои кормандони соҳаи суғурта

Дар Бонки миллӣ дар мавзуи “Методҳои ҳисобҳои актуарӣ барои ҳисобкунии захираҳои суғуртавӣ” семинар баргузор гардид. Ин семинар бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Департаменти хазинадории ИМА барои кормандони ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар доираи кумаки техникӣ доир шуд.

Дар машғулиятҳои омӯзишӣ, ки дар онҳо сармуҳосибон ва шахсони масъули ташкилотҳои суғуртавӣ иштирок доштанд, лоиҳаи шакли нави тавозуни муҳосибии ташкилотҳои суғуртавӣ барои иштирокдорон муаррифӣ гардид.

Ҳисобҳои актуарӣ яке аз унсурҳои асосии фаъолияти суғуртавӣ ба ҳисоб рафта, тавассути ҳисобҳо ва таҳлилҳои оморӣ танзиму ҷобаҷогузории захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ мегардад. Дар низоми суғуртаи кишвар истифода шудани ҳисобҳои актуарӣ аз мақсадҳои асосии ислоҳоти соҳа арзёбӣ гардида, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ дар ин самт саъй мекунад.



Баргузории Фестивали саводнокии молиявӣ дар Душанбе

Бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон санаи 28 сентябри соли 2024 Фестивали саводнокии молиявӣ баргузор гардид, ки чорабиниҳои он дохилу саҳни бинои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, "Майдони 800-солагии Москва" ва боғи "Куруши Кабир"-и пойтахтро бо фазои идона фаро гирифтанд.

Дар дохили бинои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ Форуми саводнокии молиявӣ бо иштироки коршиносону соҳибкорон ва донишҷӯён доир шуд. Дар шафати он дар боғи "Куруши Кабир" бошад, аз соати 11-и рӯз тамоми бонкҳо ва бархе аз ташкилотҳои қарзии хурд, инчунин ташкилотҳои суғуртаи кишвар дар дӯконҳои худ ба иштирокдорон - хурду бузурги шаҳри Душанбе ва меҳмонони пойтахт маҳсулоти молиявии худро ба маърази тамошо гузошта, ҳаводорони наврасро ҳатто бо шириниву савғо истиқбол мекарданд.

Дар доираи фестивал Форуми саводнокии молиявӣ барпо шуд, ки соати 13.00 оғоз ёфта, дар он муҳимтарин масъалаҳои марбут ба саводнокии молиявӣ баррасӣ шуданд. Ҳамоиши мазкурро бо суханони ифтитоҳӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом ва муовини раиси шаҳри Душанбе Холмуҳамадзода Сорбони Амирхонӣ оғоз намуданд. Муовини раиси Бонки миллӣ Икромӣ Сироҷиддин изҳор дошт, ки ҳамоиши мазкур бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки яке аз қисматҳои асосии он баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро дар бар мегирад, ташкил шудааст. Зикр гардид, ки ба ин минвол ҳамоишҳои фарогир барои боло бурдани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, маълумот доштани аҳолӣ дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ, ташаккули тафаккури молиявии аҳолӣ мусоидат намуда, дар навбати худ барои рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар шудани вазъи иқтисодии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Зимнан дар Форуми саводнокии молиявӣ яке аз коршиносони варзидаи низоми бонкӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор Шариф Раҳимзода бо зикри зарурати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ёдовар шуд, ки бояд




молиявӣ дар ҳаёти рӯзмарраи инсон роҳбари намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) дар Тоҷикистон Фаррух Султонов дар такя ба тадқиқотҳои гузаронидаи Корпоратсия бо иштироки намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа сухан кард. Мавсуф аз таъсири муҳит ба




аз хурдсолӣ ба кӯдакону наврасон самаранок истифода бурдани пулро ёд дод. Ӯ қайд намуд, ки дар бархе аз кишварҳои аврупоӣ мафҳумҳои пул ва истифодабарии онро дар синфҳои ибтидоӣ омӯзиш медиҳанд ва ин барои беҳтар шудани сифати зиндагии одамон мусоидат мекунад. Қайд гардид, ки баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, ба кӯдакон ва ҷавонон омӯзиш додани истифодаи пул боиси дар ниҳоди онҳо сайқал додани малакаи соҳибкорӣ мегардад ва ин омил минбаъд ба рушди иқтисодӣ сабаб мешавад.

Аз муҳиммияти саводнокии

қабули қарор дар масъалаҳои молиявӣ байни қишри оддии аҳолӣ мисолҳои воқеӣ оварда, зарурати баланд бардоштани саводнокии аҳолиро дар тамоми қишрҳои ҷомеа муҳим арзёбӣ намуд.

Аз масъалаҳои калидии рӯз, ки ҳисоббаробаркуниҳои

ғайринақдӣ маҳсуб ёфта, нақши низоми бонкӣ дар тавсеа ёфтани он имрӯзҳо тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” торафт зиёд мешавад, дар рӯнамоии Фурқат Раҳматов, муовини директори департаменти низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон бо унвони “Муҳиммияти пардохтҳои ғайринақдӣ” ба аҳли нишаст манзур гардид. Зимни суханронӣ ӯ, роҳҳои самаранок истифода бурдани воситаҳои пардохти ғайринақдӣ аз қабили кортҳо ва ҳамёнҳои рақамиро ба иш-






тирокчиён нишон дод.

Аз коршиносони байналмилалӣ дар фестивал роҳбари маркази рушди устувори “МТС Бонк”-и Русия Анастасия Суслина, дар мавзуи “Буҷетикунонии шахсӣ” суханронӣ намуда, ба иштирокчиён роҳҳои коҳиши хароҷот, сарфа ва пасандоз намудани маблағҳоро муаррифӣ намуд.

Роҷеъ ба шеваҳои қаллобон



тариқи интернет дар Форум Ҳалим Мирзоалиев, директори департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон суханронӣ намуда, ҳозиринро бо роҳҳои пешгирӣ аз ин амалҳои қаллобӣ ошно кард. Ӯ бо зикри ҳодисаҳои ба дасти қаллобон афтодани шаҳрвандон бори дигар ҳушдор дод, ки бо умеди ба даст овардани маблағҳои осон ва калон набояд фиреф-таи ваъдаи қаллобон шуд ва ба онҳо бовар кард. Вай илова намуд, ки бояд ҳамеша ҳушёр буд ва рақаму рамзҳои махфии кортро ба қаллобон ифшо накард.

Дар Форум инчунин ба мавзуи рушди бозори суғурта низ таваҷҷуҳ карда шуд. Директори ТСА "Спитамен Иншуренс" Бузургчамил Раҳмонов мавзуи "Таъсири суғуртакунонӣ ба иқтисодиёт"-ро муаррифӣ намуда, иштирокдоронро бо навъҳои суғурта дар кишвар, аҳаммияти суғурта кардани мошину хона ва ҳатто телефонҳои ҳушманд ошно кард. Ӯ гуфт, бима намудани молу мулк имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои садамавӣ бо андак маблағ зарари расида бартараф карда шавад.

Дар рафти форум иштирокдорон ба саволҳои худ аз баромадкунандагон посух





дарёфт мекарданд. Ҳамчунин ровиёни барнома ба иштирокдорон дар бораи мафҳумҳои молиявӣ саволҳои ҷолиб дода, шахсоне, ки ба саволҳои онҳо ҷавоби дуруст медоданд, бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ мекарданд.

Чунин бозиҳои ҷолиб дар намоишгоҳи маҳсулоти бонкӣ, ки дар боғи "Куруши Кабир" доир гашт, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ низ ташкил карда шуд. Намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ дар хаймаҳои худ ба таври алоҳида, барои меҳмонону иштирокдорон бозиҳои ҷолиби зеҳнӣ гузаронида, ба ғолибони онҳо туҳфаҳои махсуси хотиравӣ доданд. Бархе бонкҳо ба иштирокдорон кортҳои пардохтиро ба таври ройгон пешниҳод карданд.

Умуман, дар фестивал намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба иштирокдорон дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ аз қабили маҳсулоти қарзӣ, намуди пасандозҳо, кортҳои пардохтӣ, ҳаққи хизматрасониҳо, шаклҳои суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавӣ маълумот доданд.

Фестивали саводнокии молиявиро барномаи фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандони варзида дар "Майдони 800-солагии Москва" хотима бахшид. Баромади ҳунармандоне чун Нобовар Чаноров, Хуҷастаи Мирзовалӣ, Фаррух Ҳасанов ва дигарон, инчунин баргузории бозиҳои шавқовар ва викторинаҳо дар доираи барномаи фарҳангӣ дар мавзуъҳои маърифати молиявӣ боис ба болидаруҳӣ ва шодмонии иштирокдорони фестивал шуд. Баргузории чунин чорабиниҳои ҷолиб боис ба боло рафтани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ хоҳад шуд.

А.Мӯминов,
Ҳ.Муҷебуллоев,
махсус барои "БТҶ"

▼ “MOODY’S RATINGS” РЕЙТИНГИ ТОҶИКИСТОНРО БАЛАНД КАРД



Ширкати рейтингии байналмилалии “Moody’s Ratings” (Moody’s Investors Service) 26 сентябри соли 2024 рейтинги қарзии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боло бурд.
Ин ширкат, бо сабаби беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ рейтинги қарзии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дараҷаи «B3» бо дурнамои “устувор” ба дараҷаи «B3» бо дурнамои “мусбат” баланд намуд.

Тавре зикр мешавад, ба баланд шудани мавқеи Тоҷикистон дар ин раддабандӣ омилҳое, чун рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши захираҳои байналмилалӣ, ки имкон медиҳанд Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳояшро дар самти хизматрасонии қарзи беруна ва коҳиш додани фишори эҳтимолӣ ба тавозуни пардохт сари вақт иҷро намояд, инчунин таҳкими нишондиҳандаҳои берунӣ тайи солҳои охир, маблағгузории иловагии имтиёзнок аз ҷониби шарикони рушд барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти миёнамуҳлати лоиҳаҳои муҳимми давлатӣ боис шудаанд.

Натиҷаҳои баҳодиҳии рейтинги қарзии соҳибихтиёрӣ ҳамчун яке аз талаботҳои асосии ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сармоя дар рушди сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои сармоягузорӣ ва шарикони рушд аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ширкати рейтингии байналмилалии “Moody’s Ratings” яке аз ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад, ки рейтинги қарзии кишварҳо ва таҳлили хавфҳои онҳоро муайян мекунад.

▼ РЕЙТИНГИ СОҲИБИХТИЁРИИ ҚАРЗИИ ТОҶИКИСТОН БАЛАНД ШУД



16 августи соли 2024 Агентии рейтингии S&P Global Ratings рейтинги дарозмуддати соҳибихтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дараҷаи «B-» то «B» бо дурнамои устувор баланд бардошт. Беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис ба он шудааст, агентии рейтингии S&P Global Ratings дар раддабандии мазкур ба кишвари мо баҳои хубтар диҳад.

Рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши захираҳои байналмилалӣ, ки имкон медиҳанд Тоҷикистон уҳдадориҳояшро дар самти хизматрасонии қарзи беруна ва коҳиш додани фишори эҳтимолӣ ба тавозуни пардохт сари вақт иҷро намояд, ба баланд шудани мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги мазкур мусоидат кардаанд.

Инчунин таҳкими нишондиҳандаҳои иқтисоди берунӣ дар солҳои охир, интизории боқӣ мондани ҳиссаи назарраси қарзҳои имтиёзнок дар таркиби қарзи давлатӣ низ барои болоравии мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги мазкур кумак намудаанд.



Бонки мизоҷмеҳвар:

аз таърихи таъсис то дастовардҳои имрӯз

Бахшида ба 20-солагии таъсиси ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”

ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” 20-солагии таъсиси худро бо амалӣ намудани иқдомҳои ҷолиб ҷашн мегирад. Бонки мазкур тӯли ин солҳо дар низоми бонкии Тоҷикистон тавонистааст, ки ба дастовардҳои муҳимме ноил гардад. Бо шарофати сокинони азизи кишвар бонки мазкур тӯли ин солҳо маҷмӯи хизматрасониҳои худро васеъ карда, ба сӯйи муваффақиятҳо зина ба зина қадамҳои устувор гузоштааст.

АБМХ аз рӯзҳои аввал бо ҳадафи хизматрасонӣ ба мардуми одӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва дар ин замина, барои баровардани ниёзҳои онҳо таъсис ёфтааст. Бонк бо як равиши хос - ба ҷои такя кардан ба таърихи қарзи қарзгиранда ё гарав ба иқтидори даромади ояндаи онҳо таваҷҷуҳ кардааст.

Шариф Раҳимзода, доктори илмҳои иқтисод, профессор, ворид гардидани Аввалин бонки молиявии хурдро ба низоми бонкии Тоҷикистон (2004) як қадами муваффақона дар самти ташкили бонки муосир дар кишвар арзёбӣ намуда буд, зеро он солҳо ҷалби бонкҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон бисёр зарур буд. Бонк низоми нави муносибатҳои қарзиро ба роҳ монда, бо роҳи таблиғот тавонист, ки мизоҷони бештарро ба хизматрасониҳои худ ҷалб намояд. Яке аз қуввaҳои асосии Бонк иқдомҳои бузурги қарзии он ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мебошад.


Тӯли фаъолият бонки мазкур кӯшиш кардааст, ки сарфи назар аз афзоиши иқтидор муносибати наздикро бо мизоҷон ҳамеша нигоҳ дорад. Роҳбарияти Бонк дар ҳар давра механизмеро таҳия кардаанд, ки тавассути он метавон мизоҷонро ба маҳсулоти худ ҷалб карда, хизматрасонии беҳтарро пешниҳод намуд. Бонк ҳамчун роҳи нигоҳ доштани иқтидор ба ҳар як мизоҷ диққати ҷиддӣ медиҳад. Бонк дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон аз қабили Мурғобу Ишкошим то Рашту Мастчоҳ фаъолият дорад.

Фаъолияти Бонк самтҳои гуногуни корпоративиро низ фаро гирифтааст, ки дар доираи он ҳамчунин, ба ташкилотҳои дорои брендҳои машҳур, аз қабили Coca Cola, Turkish Airlines, SCODA, Atlant, SFC Chicken, Sinaps Clinic, Армони Хуҷанд ва бисёре аз ширкатҳои дигар маҷмуи хизматрасониҳои бонкиро иҷро мекунад. АБМХ узви GABV (Алянси ҷаҳонӣ оид ба арзишҳои бонкдорӣ) мебошад.

АБМХ дар кишвар нахустин бонке ба ҳисоб меравад, ки технологияи FaceID-ро ҷорӣ намуд, то ҳузури мизоҷонро қулайтар созад. Стратегияи Аввалин бонки молиявии хурд ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва маҳсулоту хизматрасониҳои рақамӣ аст. Роҳбарияти Бонк ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рақамикунонии пардохтҳои давлатиро ҳаматарафа дастгирӣ ва ташвиқ менамояд.

Ба муносибати ин санаи муборак раиси Бонк Мирзосафар Сафаров ба ҳамаи онҳое, ки дар рушди Бонк саҳм гузошта, дар роҳи пуршарафи хидмат ба мардум талоши беандозаи худро нисор мекунанд, ин ҷашнро самимона табрик мегӯяд: “Мо бо тамоми иқтидор кӯшиш мекунем, то бо сокинони азизи кишвар боз ҳам наздиктар шавем, ба шарикони байналмилалӣ боз ҳам хизматрасониҳои беҳтарро пешниҳод созем ва дар рушди бахшҳои иқтисодиёт саҳм гузорем”.

АБМХ



ВАРЗИШ - ГАРАВИ САЛОМАТӢ

Варзиш дар ҳаёти инсон ҳамеша аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, машғулиятҳои варзишӣ ва обутоби бадан ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти солим ба ҳисоб мераванд. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ватани азизамон аҳаммияти махсусан муҳимро касб намудааст.

Дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти пешбурди сиёсати созандаю бунёдкорона ва иқдоми пешгирифтаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, имрӯз дар ҳама гӯшаву канори ҷумҳурӣ корҳои навсозӣ ва бунёди марказҳои фарҳангиву фароғатӣ ва майдончаҳои варзишию истироҳатӣ вусъат меёбанд.

Дар доираи иқдоми мазкур, 6 сентябри соли 2024, бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон маркази нави варзишӣ ифтитоҳ гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни ифтитоҳи толор қайд кард, ки ҳадаф аз ташкили он ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим байни кормандони Бонки миллии Тоҷикистон буда, ба ин васила таваҷҷуҳ ба беҳдошти саломатӣ, машғулиятҳои гуногуни варзиш, таҳкими





дӯстӣ ва ҳамкорӣ бештар мегардад.

Қобили зикр аст, ки маркази варзишии бонк аз толорҳои вазнбардорӣ, аэробика, саққобозӣ, теннисбозӣ, гуштингирӣ, шоҳмот, ҳамчунин осорхонаи варзишии бонк ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат буда, бо навтарин таҷҳизоти варзишӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

www.nbt.tj



ДОРОИҲО	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГӮИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	6 583,6	7 960,1	1 376,5	20,9%	6 770,9	7 906,1	1 135,2	16,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	4 969,1	6 471,8	1 502,8	30,2%	5 273,6	6 523,1	1 249,6	23,7%
ҶСК "Ориёнбонк"	5 571,6	4 994,2	-577,4	-10,4%	5 423,1	5 143,4	-279,7	-5,2%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	2 040,1	3 231,5	1 191,3	58,4%	2 262,2	3 187,9	925,7	40,9%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	1 435,3	2 269,7	834,4	58,1%	1 524,8	2 582,0	1 057,2	69,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 528,3	2 030,3	502,0	32,8%	1 682,6	2 331,6	649,0	38,6%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	1 394,1	1 814,3	420,2	30,1%	1 613,8	2 029,9	416,1	25,8%
ҶСК "Алиф Бонк"	1 202,4	1 625,8	423,5	35,2%	1 142,9	1 711,6	568,7	49,8%
ҶСП Бонки "Арванд"	1 044,7	1 428,5	383,9	36,7%	1 080,1	1 412,1	332,0	30,7%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1 218,9	1 166,1	-52,8	-4,3%	1 151,6	1 220,1	68,4	5,9%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	716,7	927,3	210,6	29,4%	750,8	1 022,2	271,4	36,2%
ҶСП "Актив Бонк"	448,7	510,4	61,7	13,7%	361,4	570,7	209,3	57,9%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	81,7	124,4	42,7	52,2%	91,4	177,8	86,4	94,6%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	116,6	111,9	-4,7	-4,1%	100,0	93,3	-6,7	-6,7%
ҶСК "Тавҳидбонк"	227,9	318,7	90,9	39,9%	251,8	315,0	63,2	25,1%



◙ УҲДАДОРИҲО	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГЎИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	5 800,3	7 041,0	1 240,6	21,4%	5 951,6	6 945,9	994,3	16,7%
ҶСК "Бонки Эсхата"	4 058,6	5 473,0	1 414,4	34,8%	4 323,6	5 457,9	1 134,4	26,2%
ҶСК "Ориёнбонк"	4 166,2	3 525,5	-640,7	-15,4%	3 973,2	3 728,2	-245,0	-6,2%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	1 700,8	2 797,4	1 096,7	64,5%	1 895,8	2 696,1	800,3	42,2%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	1 247,7	2 012,8	765,2	61,3%	1 313,2	2 268,0	954,8	72,7%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 343,2	1 753,3	410,0	30,5%	1 485,2	2 039,1	554,0	37,3%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	1 073,8	1 464,0	390,2	36,3%	1 282,1	1 670,5	388,4	30,3%
ҶСК "Алиф Бонк"	1 032,5	1 402,7	370,2	35,9%	975,7	1 482,1	506,4	51,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	845,4	1 196,9	351,5	41,6%	870,4	1 177,7	307,3	35,3%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1 008,5	913,4	-95,1	-9,4%	930,9	963,2	32,3	3,5%
ҶСП "Актив Бонк"	347,3	406,5	59,2	17,1%	258,7	465,3	206,6	79,9%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	194,5	338,2	143,7	73,8%	207,9	418,8	210,8	101,4%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	40,5	81,0	40,4	99,8%	50,0	132,5	82,5	164,9%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	63,6	56,0	-7,5	-11,8%	46,7	38,3	-8,4	-17,9%
ҶСК "Тавҳидбонк"	123,3	196,7	73,5	59,6%	147,8	192,0	44,2	29,9%



◙ САРМОЯ	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГЎИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	1 405,4	1 468,7	63,3	4,5%	1 449,9	1 415,2	-34,7	-2,4%
ҶСК "Бонки Эсхата"	910,4	998,8	88,4	9,7%	950,0	1 065,2	115,2	12,1%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	783,2	919,1	135,9	17,3%	819,3	960,2	140,9	17,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	522,1	589,1	67,0	12,8%	542,8	603,4	60,6	11,2%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	339,3	434,0	94,7	27,9%	366,5	491,9	125,4	34,2%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	320,3	350,3	30,0	9,4%	331,6	359,4	27,8	8,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	185,1	277,0	91,9	49,7%	197,5	292,5	95,0	48,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	187,6	256,8	69,2	36,9%	211,7	314,0	102,4	48,4%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	210,4	252,7	42,3	20,1%	220,7	256,9	36,2	16,4%
ҶСП Бонки "Арванд"	199,3	231,7	32,4	16,2%	209,7	234,3	24,7	11,8%
ҶСК "Алиф Бонк"	169,9	223,2	53,3	31,4%	167,2	229,5	62,3	37,3%
ҶСП "Актив Бонк"	101,5	103,9	2,4	2,4%	102,7	105,4	2,6	2,6%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	53,1	55,8	2,8	5,2%	53,3	55,0	1,7	3,1%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	41,2	43,4	2,2	5,4%	41,3	45,2	3,9	9,4%
ҶСК "Тавҳидбонк"	104,6	122,0	17,4	16,6%	104,0	123,0	19,0	18,2%



◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГЎИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	3 793,9	3 690,3	-103,6	-2,7%	3 498,4	3 848,7	350,3	10,0%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 934,8	3 383,5	448,7	15,3%	3 136,6	3 544,2	407,5	13,0%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	1 697,1	2 190,6	493,6	29,1%	1 819,0	2 475,6	656,5	36,1%
ҶСП Бонки "Арванд"	864,2	1 116,5	252,3	29,2%	897,3	1 143,1	245,8	27,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	812,5	1 100,0	287,5	35,4%	893,7	1 222,0	328,3	36,7%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	499,9	771,9	272,0	54,4%	622,4	740,9	118,4	19,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	642,0	718,6	76,6	11,9%	687,7	728,5	40,8	5,9%
ҶСК "Алиф Бонк"	500,6	682,6	182,1	36,4%	485,5	706,2	220,7	45,5%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	437,1	676,7	239,6	54,8%	490,7	638,9	148,2	30,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	330,2	499,9	169,7	51,4%	374,1	538,8	164,8	44,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	72,6	96,7	24,0	33,1%	98,3	90,6	-7,6	-7,8%
ҶСП "Актив Бонк"	11,8	78,5	66,7	566,1%	20,8	98,0	77,1	370,7%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	17,3	39,8	22,5	130,5%	23,1	44,6	21,5	93,2%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	22,3	27,5	5,2	23,4%	23,4	30,8	7,4	31,5%
ҶСК "Тавҳидбонк"	107,3	150,6	43,3	40,4%	108,9	160,6	51,7	47,5%



◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГӮИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	4 878,7	5 838,7	960,0	19,7%	4 989,3	5 877,3	887,9	17,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 468,8	3 258,3	789,4	32,0%	2 609,6	3 653,1	1 043,5	40,0%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	1 348,1	2 324,9	976,7	72,4%	1 547,2	2 347,2	800,0	51,7%
ҶСК "Ориёнбонк"	2 500,6	1 765,3	-735,3	-29,4%	2 150,7	1 912,7	-238,0	-11,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	797,6	1 438,6	641,0	80,4%	955,8	1 567,0	611,2	63,9%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	807,3	1 249,9	442,6	54,8%	970,6	1 488,5	517,9	53,4%
ҶСК "Алиф Бонк"	798,4	1 123,4	325,1	40,7%	777,0	1 165,6	388,5	50,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	892,5	835,3	-57,2	-6,4%	817,5	892,6	75,1	9,2%
ҶСП "Спитамен Бонк"	539,7	642,7	103,1	19,1%	610,8	683,9	73,1	12,0%
ҶСП Бонки "Арванд"	198,7	326,8	128,0	64,4%	214,2	355,1	140,8	65,7%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	131,2	260,3	129,1	98,4%	139,6	335,5	196,0	140,4%
ҶСП "Актив Бонк"	229,6	187,5	-42,1	-18,3%	155,2	224,5	69,3	44,6%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	18,0	48,9	30,9	171,6%	21,9	29,4	7,4	33,9%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	17,0	28,1	11,1	65,2%	17,0	16,5	-0,5	-3,1%
ҶСК "Тавҳидбонк"	94,3	117,2	22,8	24,2%	98,4	117,1	18,7	19,0%



ФОИДА/ЗАРАР	ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			
НОМГЎИ БОНКҲО	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			номиналӣ	нисбӣ			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	270,8	219,0	-51,8	-19,1%	315,4	166,8	-148,6	-47,1%
ҶСК "Бонки Эсхата"	130,0	119,9	-10,1	-7,8%	174,4	190,9	16,5	9,5%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	116,9	88,2	-28,7	-24,5%	144,1	146,1	2,0	1,4%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	57,7	69,5	11,8	20,4%	93,8	110,6	16,8	17,9%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	14,2	32,4	18,2	128,8%	38,2	49,6	11,4	29,8%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	41,5	27,9	-13,7	-32,9%	45,9	37,0	-8,9	-19,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	7,8	23,7	15,9	203,8%	20,0	39,2	19,2	96,1%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	13,6	21,8	8,2	60,6%	24,3	36,1	11,8	48,7%
ҶСК "Алиф Бонк"	-4,9	16,6	21,5	439,7%	-7,7	28,3	36,0	469,6%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	16,7	15,9	-0,8	-4,7%	27,0	24,4	-2,7	-9,8%
ҶСП Бонки "Арванд"	15,2	13,0	-2,2	-14,5%	22,4	19,9	-2,5	-11,1%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	3,3	1,8	-1,4	-44,1%	3,7	3,2	-0,5	-13,6%
ҶСП "Актив Бонк"	-0,1	1,6	1,7	1660,4%	1,2	3,0	1,8	150,2%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	0,2	0,2	0,0	7,5%	0,4	-0,6	-1,1	-246,0%
ҶСК "Тавҳидбонк"	-0,2	0,6	0,7	457,6%	-0,8	1,5	2,3	292,9%



ДОРОИҲО	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо маблағ	бо фоиз			бо маблағ	бо фоиз
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	318 128,6	261 357,3	-56 771,3	-17,8%	343 250,3	287 878,2	-55 372,1	-16,1%
ҶДММ "ТС Бима"	134 051,2	174 214,7	40 163,5	30,0%	136 171,8	163 387,9	27 216,0	20,0%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	119 580,4	190 955,9	71 375,5	59,7%	120 610,8	185 764,9	65 154,1	54,0%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	63 232,6	42 876,3	-20 356,3	-32,2%	77 831,1	56 890,0	-20 941,1	-26,9%
КВД "Тоҷиксуғурта"	60 310,7	60 939,9	629,2	1,0%	62 024,2	56 936,9	-5 087,3	-8,2%
ҶДМ "ТС "Муин""	16 293,9	16 187,5	-106,4	-0,7%	16 166,3	16 375,4	209,1	1,3%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	13 979,0	11 728,9	-2 250,1	-16,1%	10 089,8	9 508,5	-581,4	-5,8%
ҶДММ "ДС суғурта"	12 611,2	14 809,9	2 198,7	17,4%	10 953,8	13 501,6	2 547,8	23,3%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	8 032,2	7 011,9	-1 020,3	-12,7%	7 684,4	6 916,0	-768,4	-10,0%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	5 716,1	3 175,3	-2 540,8	-44,4%	4 757,5	3 080,9	-1 676,6	-35,2%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	4 011,0	5 575,0	1 564,0	39,0%	3 282,7	10 262,2	6 979,5	3,1 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	3 566,1	4 652,4	1 086,3	30,5%	3 708,5	4 426,9	718,4	19,4%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2 145,8	59,3	-2 086,5	-97,2%	2 080,3	0,0	-2 080,3	-
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	2 095,4	2 566,6	471,1	22,5%	2 689,1	2 845,5	156,4	5,8%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 025,0	4 247,1	2 222,1	2,1 мар.	2 415,7	4 085,7	1 670,0	69,1%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	1 048,4	1 695,8	647,4	61,8%	1 197,6	2 088,5	891,0	74,4%
Ҳамагӣ	**766 827,5**	**802 053,8**	**35 226,2**	**4,6%**	**804 913,8**	**823 948,9**	**19 035,1**	**2,4%**

ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ
БА ҲОЛАТИ 30.09.2024



◙ УҲДАДОРИҲО	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо маблағ	бо фоиз			бо маблағ	бо фоиз
ҶДММ "ТС Бима"	114 819,0	153 212,7	38 393,7	33,4%	116 320,1	140 959,4	24 639,3	21,2%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	99 686,6	70 989,3	-28 697,3	-28,8%	111 005,7	73 710,6	-37 295,1	-33,6%
КВД "Тоҷиксуғурта"	50 960,5	49 156,5	-1 804,0	-3,5%	51 548,9	22 186,0	-29 362,9	-57,0%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 891,1	30 639,3	1 748,2	6,1%	30 875,6	31 546,8	671,2	2,2%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	13 398,1	32 638,1	19 240,0	2,4 мар.	12 662,7	24 786,5	12 123,8	95,7%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	11 829,2	8 443,6	-3 385,6	-28,6%	6 066,8	7 130,2	1 063,4	17,5%
ҶДММ "ТС "Муин"	2 974,1	721,6	-2 252,5	-75,7%	2 756,5	1 063,0	-1 693,5	-61,4%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2 527,7	1 767,3	-760,4	-30,1%	2 586,4	1 772,4	-814,0	-31,5%
ҶДММ "ДС суғурта"	2 002,5	4 370,8	2 368,3	2,2 мар.	3 934,4	6 632,1	2 697,7	68,6%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	1 879,3	2 894,6	1 015,3	54,0%	1 087,4	7 652,0	6 564,6	7,0 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	1 293,8	2 273,8	980,0	75,7%	335,2	806,7	471,5	2,4 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	642,8	1 741,1	1 098,3	2,7 мар.	706,5	1 380,7	674,2	95,4%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	261,7	0,6	-261,1	-99,8%	149,2	0,0	-149,2	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	193,1	62,9	-130,2	-67,4%	42,8	86,1	43,3	101,2%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	103,3	434,9	331,6	4,2 мар.	257,4	626,7	369,3	2,4 мар.
ҶДММ "ТС Такаффул"	14,0	3 211,4	3 197,4	229,4 мар.	764,7	1 915,1	1 150,4	2,5 мар.
Ҳамагӣ	**331 476,8**	**362 558,5**	**31 081,7**	**9,4%**	**341 100,3**	**322 254,3**	**-18 846,0**	**-5,5%**



◙ САРМОЯ	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо маблағ	бо фоиз			бо маблағ	бо фоиз
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	218 442,0	190 368,0	-28 074,0	-12,9%	232 244,6	214 167,6	-18 077,0	-7,8%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	106 182,3	158 317,8	52 135,5	49,1%	107 948,1	160 978,4	53 030,2	49,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	34 341,5	12 237,0	-22 104,5	-64,4%	46 955,5	25 343,2	-21 612,3	-46,0%
ҶДММ "ТС Бима"	19 232,2	21 002,0	1 769,9	9,2%	19 851,7	22 428,5	2 576,8	13,0%
ҶДММ "ТС "Муин"	13 319,8	15 465,9	2 146,1	16,1%	13 409,8	15 312,4	1 902,6	14,2%
ҶДММ "ДС суғурта"	10 608,7	10 439,1	-169,6	-1,6%	7 019,4	6 869,5	-149,9	-2,1%
КВД "Тоҷиксуғурта"	9 350,2	11 783,4	2 433,2	26,0%	10 475,3	34 750,9	24 275 6	3,3мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	5 504,8	5 244,6	-260,2	-4,7%	5 098,0	5 143,6	45,6	0,9%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	4 422,3	901,5	-3 520,8	-79,6%	4 422,3	2 274,2	-2 148,1	-48,6%
ҶДММ "ТС Итминон"	2 923,3	2 911,3	-12,0	-0,4%	3 002,0	3 046,2	44,2	1,5%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	2 149,8	3 285,3	1 135,5	52,8%	4 023,0	2 378,3	-1 644,7	-40,9%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	2 131,7	2 680,4	548,7	25,7%	2 195,3	2 610,2	414,9	18,9%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 011,0	1 035,7	-975,3	-48,5%	1 651,0	2 170,6	519,6	31,5%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1 992,1	2 131,7	139,6	7,0%	2 431,7	2 218,8	-212,9	-8,8%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	1 884,1	58,7	-1 825,4	-96,9%	1 931,1	0,0	-1 931,1	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	855,3	1 632,9	777,6	90,9%	1 154,8	2 002,4	847,6	73,4%
Ҳамагӣ	**435 351,0**	**439 495,3**	**4 144,3**	**1,0%**	**463 813,6**	**501 694,8**	**37 881,3**	**8,2%**



◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо маблағ	бо фоиз			бо маблағ	бо фоиз
ҶДММ "ТС Бима"	64 736,4	60 353,7	-4 382,7	-6,8%	106 055,1	77 511,3	-28 543,8	-26,9%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	46 386,3	50 002,7	3 616,4	7,8%	74 345,3	80 976,1	6 630,8	8,9%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 604,4	26 523,5	-2 080,9	-7,3%	44 176,2	41 680,9	-2 495,3	-5,6%
КВД "Тоҷиксуғурта"	21 245,2	24 414,7	3 169,5	14,9%	28 985,1	33 783,2	4 798,1	16,6%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	11 645,7	18 323,5	6 677,9	57,3%	13 076,6	21 148,8	8 072,2	61,7%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	11 025,5	3 438,6	-7 586,9	-68,8%	11 035,0	4 392,8	-6 642,2	-60,2%
ҶДММ "ДС суғурта"	5 851,3	6 409,1	557,8	9,5%	8 207,9	10 442,3	2 234,4	27,2%
ҶДММ "ТС "Муин""	1 929,4	1 758,0	-171,4	-8,9%	2 800,9	2 823,9	23,0	0,8%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	1 639,0	242,8	-1 396,2	-85,2%	2 883,5	249,1	-2 634,4	-91,4%
ҶДММ "ТС Итминон"	722,1	1 889,4	1 167,3	2,6 мар.	1 400,9	2 243,2	842,3	60,1%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	208,4	506,1	297,7	2,4 мар.	989,4	1 003,9	14,5	1,5%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	115,7	0,0	-115,7	-	133,7	0,0	-133,7	-
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	110,2	54,2	-56,0	-50,8%	546,8	3 537,7	2 990,9	6,5 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	44,2	694,4	650,2	15,7 мар.	166,8	746,0	579,2	4,5 мар.
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	3 982,4	3 982,4	-	923,9	4 506,7	3 582,8	4,9 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	0,0	0,0	-	0,0	0,0	0,0	-
Ҳамагӣ	**194 263,7**	**198 593,1**	**4 329,4**	**2,2%**	**295 727,1**	**285 045,8**	**-10 681,3**	**-3,6%**



◙ ПАРДОХТ	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо маблағ	бо фоиз			бо маблағ	бо фоиз
ҶДММ "ТС Бима"	4 749,7	2 871,5	-1 878,2	-39,5%	6 716,7	5 055,7	-1 661,0	-24,7%
КВД "Тоҷиксуғурта"	1 665,6	1 783,0	117,4	7,0%	2 287,0	2 539,5	252,5	11,0%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	1 085,3	1 344,0	258,7	23,8%	1 820,1	2 483,8	663,7	36,5%
ҶДММ "ДС суғурта"	752,0	3 409,4	2 657,4	4,5 мар.	1 344,1	5 537,3	4 193,2	4,1 мар.
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	488,0	525,9	37,9	7,8%	577,5	854,1	276,6	47,9%
ҶДММ "ТС "Муин""	245,0	149,5	-95,5	-39,0%	351,9	221,0	-130,9	-37,2%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	222,5	829,8	607,2	3,7 мар.	2 944,1	1 145,3	-1 798,8	-61,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	172,1	201,5	29,4	17,1%	280,6	305,4	24,8	8,8%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	114,3	0,0	-114,3	-	114,3	0,0	-114,3	-
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	92,5	0,4	-92,1	-99,6%	117,3	0,0	-117,3	-
ҶДММ "ТС Итминон"	64,3	40,7	-23,6	-36,7%	101,6	47,4	-54,2	-53,3%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	49,4	1,4	-48,0	-97,2%	49,5	1,4	-48,1	-97,2%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	36,9	139,3	102,4	3,8 мар.	56,9	224,3	167,4	3,9 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	33,9	1 092,1	1 058,2	32,2 мар.	55,9	1 103,5	1 047,6	19,7 мар.
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1,7	42,8	41,1	25,2 мар.	3,3	92,6	89,3	28,1 мар.
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	372,0	372,0	-	9,8	592,7	582,9	60,5 мар.
Ҳамагӣ	**9 773,2**	**12 803,3**	**3 030,0**	**31,0%**	**16 830,6**	**20 204,0**	**3 373,4**	**20,0%**


ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ
БА ҲОЛАТИ 30.09.2024



◙ ШАРТНОМАҲО	ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (АДАД)				ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2024 (АДАД)			
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	30.06. 2023	30.06. 2024	Тағйирот нисбати 30.06.2023		30.09. 2023	30.09. 2024	Тағйирот нисбати 30.09.2023	
			бо адад	бо фоиз			бо адад	бо фоиз
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	468 258	492 654	24 396,0	5,2%	753 482	810 419	56 937	7,6%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	277 612	253 518	-24 094,0	-8,7%	431 941	404 243	-27 698	-6,4%
КВД "Тоҷиксуғурта"	250 808	193 910	-56 898,0	-22,7%	353 136	262 101	-91 035	-25,8%
ҶДММ "ТС Бима"	13 538	15 812	2 274,0	16,8%	18 890	23 969	5 079	26,9%
ҶДМ "ТС "Муин""	11 756	5 286	-6 470,0	-55,0%	15 927	9 571	-6 356	-39,9%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	8 565	10 313	1 748,0	20,4%	14 109	22 913	8 804	62,4%
ҶДММ "ДС суғурта"	1 104	1 402	298,0	27,0%	1 415	2 309	894	63,2%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	95	224	129,0	2,4 мар.	131	288	157	2,2 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	87	79	-8,0	-9,2%	134	130	-4	-3,0%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	35	201	166,0	5,7 мар.	77	551	474	7,2 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	17	0	-17,0	-	20	0	-20	-
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	340	614	274,0	80,6%	1 170	617	-553	-47,3%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	6	23	17,0	3,8 мар.	13	49	36	3,8 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2	94	92,0	47,0 мар.	11	101	90	9,2 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0	0	0,0	-	0	0	0	-
ҶДММ "ТС Такаффул"	0	69	69,0	-	40	99	59	2,5 мар.
Ҳамагӣ	**1 032 223**	**974 199**	**-58 024**	**-5,6%**	**1 590 496**	**1 537 360**	**-53 136**	**-3,3%**

“Таърих, забон, фарҳанг, расму ойин ва маданияти либоспӯшии миллӣ арзишҳои ҳувиятсоз буда, оламиён мову шуморо, қабл аз ҳама, аз рӯи ҳамин сифатҳо мешиносанд ва эътироф мекунанд”.

Эмомалӣ Раҳмон



“Ганҷина”-и Амон Мусоев

Ноил гаштан ба истиқлолияти давлатӣ моро водор сохт ба ташаккули иқтисодиёти миллӣ, сохторҳои нави идоракунии он ва таҳияву татбиқи қонунҳое, ки ба ҷорӣ намудани муносибатҳои бозаргонӣ мусоидат мекунанд, шурӯъ намоем.

Эмомалӣ Раҳмон

